ФАРЗАНДИ СОДИҚИ ВАТАН с. 7
ЧАРО ГӮШТ ҚИММАТ ШУД? с. 2
ЛИМИТИ БАРҚ КАЙ БА ПОЁН МЕРАСАД? с. 3



ТОҶИКИСТОН
№32 (1595), 07.08.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992

# ТАЪРИХСОЗОН




ДАР ИН ШУМОРА:

**ХУҶАНД**
Нархи об боз боло рафт с.3

**ХУШУНАТ**
Чаро бештар мардон аз он шиква кардаанд? с.2

**ЯҲЁ СИНВОР**
Роҳбари нави ҲАМОС кист? с.4

**ОРД**
Болоравии истеҳсол, воридот ва нархи он с.10

**ДАНҒАРА**
Аз рушди саноат то омодагӣ ба ҷашн с.6

**КОНИБОДОМ**
Боздошти 1 нафар дар пайи 15 куштор с.11

**СЕБИ ХУБОНӢ**
Он ба наслҳои оянда мерасад? с.15

**ОФТОБЗАДАГӢ**
Роҳҳои пешгирӣ ва табобати он с.12

МАҶМААИ НАВИ ИСТИҚОМАТИИ ПӮЛОДӢ
АЗ АРЗИШИ УМУМӢ 30% ПЕШПАРДОХТ,
ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА АЗ 3 ТО 5 СОЛ БЕ ФОИЗ
СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —



- Хонаҳо аз 56,10м2 то 138,90м
- Баландии шифти квартираҳо 3м 15 см
- Тирезаҳои алюминий
- Лифтҳои бренди ҷаҳонӣ
- 24/7 амнияти ва назорати видео
- Таваққуфгоҳи зеризаминӣ
- Дар наздики гипермаркети
- Auchan, мағозаи JYSK

Бинои истиқоматии баландошёна, бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаи аввал ва таваққуфгоҳи наклиёти автомобилӣ дар таҳхонаи он, воқеъ дар кӯчаи Пӯлодӣ № 33, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ:
+992 200-00-00-00 | +992 00-277-44-33

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармухаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони хафтанома**

*Хафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар хафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияхо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи хафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Хафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Хафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва саниду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
918-66-82-64,
221-41-11

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

## $21 МИЛЛИОН КУМАКИ БОР БА НБО "САРБАНД"

**Бонки осиёии рушд барои навсозии неругоҳи "Сарбанд" 21 миллион доллар грант ё кумаки бебозгашт ҷудо кард.**

Тавре дафтари матбуоти ин бонк хабар дод, ин пул барои таҷдиди неругоҳ ва зиёд кардани тавлиди барқ дар Тоҷикистон сарф мешавад.

Мудири минтақавии бонк дар Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ғарбӣ Евгений Жуков таъкид кардааст, ки барқи тавлидшуда дар "Сарбанд" барои Тоҷикистон ва ҳамсояҳои он фоида меорад.

Қобили зикр аст, ки НБО «Сарбанд» бо иқтидори лоиҳавии 240 МВт 5-умин неругоҳи калон дар Тоҷикистон аст. Иқтидори пешбинишудаи неругоҳи барқи обӣ пас аз анҷоми кор ба 270 МВт мерасад.

Дар назар аст, ки таҷдиди неругоҳи "Сарбанд" соли 2026 ба анҷом расад.

## ЧАРО ГӮШТ ДАР ТОҶИКИСТОН ҚИММАТ ШУД? ПОСУХИ НУРМАҲМАДЗОДА

**Ҷамшед Нурмаҳмадзода, директори Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон сабаби баланд шудани нархи гӯшт дар бозорҳои кишварро гуфт.**

Ӯ инро ба зиёд шудани музди маош, бештар гардидани талаботи аҳолӣ ба гӯшт ва баланд гардидани нархи хӯроки чорво рабт дод. Ҳарчанд, ба қавли ӯ, ҳаҷми истеҳсоли гӯшти гов ва гӯсфанд (вазни зинда) дар шаш моҳи соли 2024-ум 14 дарсад бештар шуда, беш аз 88 ҳазор тоннаро ташкил додааст.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода зимни нишасти хабарӣ гуфт, ки давоми шаш моҳи аввали соли 2024 дар кишвар 88 ҳазору 349 тонна гӯшт истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 14 дарсад бештар аст, аммо афзоиши маош сабаби боло рафтани нархи гӯшт гардид.

"Дар кишвар қахтии гӯшт нест, дар ҳамаи бозорҳо гӯшт фаровон аст. Танҳо маош 40 фисад зиёд шуд, даромадноки мардум баланд шудааст ва сатҳи харидории онҳо афзудааст. Музди меҳнати миёнаи аҳолӣ 13 дарсад зиёд шуд, баланд шудани маош таъсири худро ба баланд шудани нархи гӯшт мерасонад",- гуфт Ҷамшед Нурмаҳмадзода.

## НИЗОМИ БЕРАВОДИД БАЙНИ ТОҶИКИСТОНУ ЭРОН МОҲИ АВГУСТ АМАЛӢ МЕШАВАД

**Шуруъ аз 10-уми августи соли 2024 Ёддошти тафоҳум байни ҳукуматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар бораи лағви раводид барои дорандагони шиносномаҳои умумишаҳрвандии хориҷӣ мавриди амал қарор мегирад.**

Дар асоси ин Ёддошти тафоҳум дорандагони шиносномаҳои умумишаҳрвандии хориҷии харду ҷониб ҳуқуқ доранд давоми 90 рӯз аз лаҳзаи вуруди аввалинашон ба муҳлати 30 рӯз бе раводид ба ҳудуди тарафҳо сафар намоянд.

Низоми бераводид дар марҳилаи аввал танҳо барои нафароне амалӣ мегардад, ки аз масири ҳавоии Душанбе-Теҳрон ва Теҳрон-Душанбе истифода мебаранд.



## АФЗОИШИ ХУШУНАТ АЛАЙҲИ МАРДОН

**Давоми 6 моҳи соли 2024 дар қаламрави кишвар 1 ҳазору 569 шикоят аз хушунати хонаводагӣ сабт шудааст.**

Бунафша Файзиддинзода, раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 65 ҳолат зиёд аст.

Гуфта шуд, ки шикоятҳо оид ба зӯроварӣ 1 ҳазору 291 муроҷиат аз ҷониби мардон ворид шудааст, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 11 ҳолат зиёд аст. Аз ҷониби занҳо бошад, 278 шикоят ворид гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 61 ҳолат бештар аст.

Вале раиси Кумитаи занҳо мегӯяд, ки ин омор вазъи воқеиро инъикос намекунад. Ӯ чанд далелеро номбар кард, ки боиси шикоят накардани занон аз зӯровариву шикоят аст. Аз ҷумла тарс ва камсаводӣ боиси он мешавад, ки занон алайҳи хушунати оилавӣ ҷое шикоя набаранд.

## САРИ САБЗ



**Саттор ҚУВВАТОВ,**
**муассиси Маркази кӯдакони ношунаво**

**- Як шахси ношунаво ба духтур рафтанӣ мешавад, аммо ба духтур дарди худро гуфта наметавонад. Ман барои онҳо ройгон тарҷумонӣ мекунам, аммо ин ходисаҳо хеле зиёданд ва наметавонам ба ҳамаи онҳо расидагӣ кунам. Тарҷумонҳо ҳастанд, лекин музд талаб мекунанд.**

*- Баъди мушоҳидаи чунин ҳолатҳо, фикр намекунед, ки шояд замони ҷорӣ кардани дарсҳои имову ишора дар мактабҳои миёнаи умумии кишвар фаро расида бошад?*



**Хуршед САТТОРОВ,**
**тарроҳи пироҳанҳои хушдӯхт**

**- Кӯшиш мекунам корҳои дигар тарроҳонро тамошо накунам. Чунки ҳар идеяе, ки дар сари ман меояд, мехоҳам пурра моли худам бошад. Аммо вақте корҳои дигаронро тамошо мекунӣ, нохоста шояд баъзан чизҳоеро аз онҳо барои худ мегирӣ.**

*- Ҳаҳаҳах, соҳибихтиёред, ҷаноб! Вале дониста бошед, ҳар идее, ки мехоҳед пурра моли худатон бошад, аз шумо буда наметавонад. Дигарон хоставу нохоста онро мегиранд.*



**Ганҷина ОРИПОВА,**
**хатмкардаи Донишгоҳи Ню-Йорк дар Абу-Даби**

**- Мо дар ҳамкорӣ бо бонкҳо барои доданиқарз ба муҳоҷирон ва оилаҳои онҳо дар саросари ҷаҳон дар асоси таҳлили маълумоти муомилоти онҳо кор мекунем. Ин ба мо имкон медиҳад, ки роҳи ҳалли беҳамтои молиявиро, ки ба эҳтиёҷоти воқеии мизоҷони мо мутобиқ карда шудаанд, пешниҳод кунем.**

*- Барои ин коратон аз ҷониби бонкҳо ягон хел ҳавасмандгардонӣ зоҳир мешавад, охир? Ҳоло қарз ба муҳоҷиронро як тараф монем...*

# ЛИМИТИ БАРҚ КАЙ БА ПОЁН МЕРАСАД?



**Ҷорӣ шудани лимити барқ ҳамасола мушкилоти зиёдеро ба бор оварда, боиси дар фаслҳои тирамоҳу зимистон ба вуҷуд омадани маҳдудият дар интиқоли қувваи барқ мегардад.**

Ҳамин аст, ки дар нишасти хабарии ширкати “Барқи тоҷик” яке аз суолҳои муҳим дар бораи лимити барқ буд. Вале масъулини ширкати "Барқи тоҷик" гуфтанд, ки то неругоҳи "Роғун" пурра ба кор надароял, лимити барқ дар кишвар боқӣ мемонад.

Гуфта шуд, ки феълан об ба сатҳи зарурӣ баланд шуда, айни замон мушкили норасоии неруи барқ вуҷуд надорад. Аммо, дар фаслҳои тирамоҳу зимистон талабот ба неруи барқ зиёд мешавад ва зарурати аз меъёр бештар истифода бурдани об ба миён меояд.

Аз ин хотир, дар сурати дубора паст шудани сатҳи об ва ба миён омадани мушкили норасоии неруи барқ эҳтимоли ҷорӣ шудани “лимит”-и барқ мавҷуд аст.

Ба ҷавоби масъулин Нозирҷон Ёдгорӣ, сухангӯи ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» илова намуда, гуфт, то вақте ки НБО “Роғун” ба пуррагӣ ба фаъолият сар накунад, мушкили норасоии неруи барқ дар Тоҷикистон боқӣ мемонад ва танҳо “Роғун” метавонад ин масъаларо ба пуррагӣ аз миён бардорад. Яъне, то солҳои наздик лимит ё реҷаи барқ боқӣ хоҳад монд.

Ғайр аз ин, Ёдгорӣ зикр кард, ки ҳар сол дар ҷумҳурӣ талабот ба неруи барқ ба ҳисоби миёна 9% зиёд мешавад, аммо истеҳсол дар сатҳи пештара боқӣ мемонад, зеро сохтмони неругоҳҳои нав 10-15 солро талаб мекунад.

Ёдгорӣ гуфт, ки дар ҷунин вазъ, роҳи дурусттаре, ки метавонад камбудии мавсимиро коҳиш диҳад, муносибати эҳтиёткорона ва сарфакорона бо неруи барқ мебошад.

Солҳои охир дар мавсими тирамоҳу зимистон норасоии неруи барқ дар ҷумҳурӣ шадидтар шудааст. Неруи барқ танҳо ба шаҳрҳои нисбатан калон мерасад ва сокинони деҳот онро бо маҳдудият (ҳар рӯз аз 8 то 9 соат) мегиранд.

Маҳдудияти интиқоли неруи барқ дар Тоҷикистон ҳамасола аз охири сентябр - аввали октябр оғоз шуда, то моҳи апрел давом мекунад.

# ХУҶАНД. НАРХИ ОБ БОЗ БОЛО РАФТ

**Давоми як соли охир бори дуюм аст, ки нархи хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ дар шаҳри Хуҷанд боло бурда шуд. Аз “Хуҷандобуканал” тасдиқ карданд, ки нархи об 15% боло бурда шуд.**

Гуфта мешавад, ки дар баробари об ҳаққи хизматрасонии партов (канализатсия) низ баланд шудааст.

Ёдовар мешавем, ки давоми як соли охир ин бори дуюм аст, ки нархи хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ дар шаҳри Хуҷанд, маркази маъмурии вилояти Суғд боло бурда мешавад. Қаблан ин нархнома 20% боло рафта буд.

Хайрулло Бобоев, директори генералии КВД “Хуҷандобуканал” сабаби боло бурдани нархҳоро ба баландшавии арзиши сӯзишворӣ ва нархи қувваи барқ рабт медиҳад.

**ТИБҚИ НАРХНОМАИ НАВ ШУРӮЪ АЗ 1-УМИ АВГУСТ ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД ЯК КУБ (1 МУКААБ) ОБИ НӮШОКӢ ЧУНИН НАРХ ХОҲАД ДОШТ:**



| барои аҳолӣ | барои ташкилотҳои буҷетӣ | барои ташкилотҳои ҳисоби буҷетӣ |
|---|---|---|
| - 1,66 сомонӣ | - 2,82 сомонӣ | - 8,86 сомонӣ |

*То ин замон қимати оби нӯшокӣ дар Хуҷанд барои аҳолӣ 1,44 сомонӣ буд.*

**МУТОБИҚИ НАРХНОМАИ НАВ, ҲАҚИ ХИЗМАТРАСОНИИ ЯК МЕТРИ МУКААБ РАФЪИ ПАРТОВ (КАНАЛИЗАТСИЯ) ЧУНИН АСТ:**



| барои аҳолӣ | барои ташкилотҳои буҷетӣ | барои ташкилотҳои ҳисоби буҷетӣ |
|---|---|---|
| - 1,10 сомонӣ | - 1,66 сомонӣ | - 2,35 сомонӣ |

*Ҳақи хизматрасонии партов (канализатсия) 0,96 сомонӣ буд.*

## Аз нишасти матбуотӣ



**Ба Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2024 теъдоди умумии 748,3 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ ташриф овардаанд, ки аз ин шумора 580,5 ҳазор нафар ҳамчун сайёҳ ворид шудаанд. Ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 19,1 фоиз зиёд мебошад.**

Дар ин бора Камолиддин Муминзод, раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Тоҷикистон иттилоъ дод.

Ба таъкиди Муминзод, ҳоло дар қаламрави кишвар 214 ширкати сайёҳӣ дар асоси иҷозатнома фаъолият доранд. Аз ин шумора дар ВМКБ 41, дар шаҳри Душанбе 101, дар вилояти Суғд 46, дар вилояти Хатлон 17 ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 9 ширкат фаъолият карда истодаанд.



**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо 30 корхонаву ташкилоти истеҳсолию хизматрасонӣ барои гузаштани таҷрибаомӯзии донишҷӯён шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонд. Дар баробари ин, имсол чор кафедраи донишгоҳ намояндагии худро дар Амонатбонк, Иттифоқи адвокатҳо ва ширкатҳои сайёҳӣ таъсис доданд.**

Ректори ин муассисаи олӣ Убайдулло Асрорзода зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки ҳадаф аз ин иқдом боз ҳам баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳо мебошад.

“Раванди таҳсил дар донишгоҳ бо дарназардошти эҳтиёҷоти муосири иқтисодиёти мамлакат пайваста такмил дода мешавад”,- изҳор дошт ректор.



**Дар шаҳри Бохтар ҳам Маркази ош бунёд карда мешавад. Ҳанӯз чунин марказ дар ин минтақаи кишвар вуҷуд надорад. Абдулмаҷид Муминзод, шаҳрдори Бохтар дар нишасти хабарӣ гуфт, ки алакай лоиҳаи иншооти мавриди назар омода аст. Соҳибкор ҳам барои сохтмони бино пайдо шудааст.**

«Оши палов яке аз хӯрокҳои миллии мо ба ҳисоб меравад. Бо баъзе соҳибкорон кор карда истодаем. Хоҳишмандон барои сохтмон ҳастанд. Алакай чанд лоиҳа ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон пешниҳод шуд. Ҷойи мувофиқ пайдо кунем, сохтмон оғоз мешавад»,- гуфт номбурда.

Абдулмаҷид Муминзод меғӯяд, ки барои бунёди чунин як маркази боҳашаммат ҷойи мувофиқ муайян хоҳад шуд.

## Аз нишасти матбуотӣ



**Ҳоло сандуқи қарзии «Амонатбонк» 2,4 миллиард сомонӣ, шумораи қарзгирон аз рӯйи бақия зиёда аз 68 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Раиси «Амонатбонк» Алиҷон Салимзода дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 ҳаҷми сандуқи қарзӣ 21 фоиз афзуд.**

“Аз ҳисоби ҷалби сармояи мустақим, аз ҷумла хати қарзии бо Бонки миллии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ӯзбекистон дар самти маблағгузории савдо дар ҳаҷми 33 миллион доллар хати қарзӣ кушода шуд. То ин замон аз ҷониби «Амонатбонк» ба 39 ширкати ватанӣ 15,6 миллион доллар барои ворид намудани молу маҳсулот аз Ӯзбекистон қарзи бонкӣ пешниҳод шуд”,- гуфт Алиҷон Салимзода.



**Дар 6 моҳи аввали соли равон дар ҷумҳурӣ 112 515 нафар кӯдак таваллуд шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4 303 нафар зиёд мебошад.**

Дар ин бора вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод. Вазир иттилоъ дод, ки айни замон дар Тоҷикистон 21 616 табиб ва 62 489 ҳамшираи тиббӣ фаъолият мекунанд. Ба гуфтаи Абдуллозода, ҳоло дар кишвар 1966 табиб ва 378 корманди хурди тиббӣ намерасанд.



**Шералӣ Кабир, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон теъдоди корхонаҳои аз фаъолият бозмондаро гуфт. Ӯ зимни нишасти матбуотӣ иброз дошт, ки аз 92 корхонаи аз фаъолият бозмонда 58,7% ба корхонаҳое, ки аз соли 2008 то соли 2018 ва 41,3% аз соли 2019 то соли 2022 фаъолият накардаанд, рост меояд.**

“Корхонаҳои аз фаъолият бозмонда дар соҳаҳои саноат, аз ҷумла саноати хӯроквори, масолеҳи сохтмонӣ, саноати сабук ва пилла, соҳаи мошинсозӣ, саноати мудофиа ва химия, саноати ангишт ва маъданҳои кӯҳӣ ба қайд гирифта шудаанд”,- гуфт вазир.

# ЭРОН АЗ ИСРОИЛ ҚАСОС МЕГИРАД?

WALL STREET JOURNAL

**Эрон талошҳои Амрико ва кишварҳои арабиро барои коҳиши вокуниш ба террори Исмоил Ҳания рад кардааст. Дар ин бора Wall Street Journal ба нақл аз манбаъҳои огоҳ навиштааст.**



Рӯзнома бо ишора ба сафари Айман Ас-Сафдӣ, вазири корҳои хориҷии Урдун ба Теҳрон мегӯяд, мақомҳои эронӣ дар ин мулоқот ба дипломатҳои араб гуфтаанд, "барояшон муҳим нест, ки ҷанг бишавад".

Рӯзнома ба нақл аз манбаъҳои огоҳ дар ин моҷаро навиштааст, ки Амрико аз кишварҳои аврупоӣ ва муттаҳидони худ хостааст, то аз Теҳрон бихоҳанд танишҳоро афзоиш надиҳад.

Дар ин паём Вашингтон ба Теҳрон ҳушдор додааст, ки ҳар ҳамлае аз сӯйи Эрон бо посухи мутақобил рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Ҳамчунин Амрико таъкид кардааст, ки хештандории Теҳрон метавонад умедҳо барои беҳбуди робитаҳо бо Ғарбро, ки аз шиорҳои интихоботии Масъуди Пизишкиён буд, афзоиш диҳад.

Вале мақомоти Эрон эълон кард, ки аз Исроил ҳатман қасоси хуни Исмоил Ҳанияро, ки рӯзи 31-уми июл дар Теҳрон кушта шуд, хоҳад гирифт. Вале маълум нест, ки замон ва сатҳи ин посух чӣ гуна хоҳад буд.

Моҳи апрели соли ҷорӣ Эрон дар посух ба ҳамлаи мушакӣ ба консулгарии худ дар Димишқ, ки ба кушта шудани чанд фармондеҳи баландпояи Сипоҳи Посдорон анҷомид, наздик ба 300 паҳбод ва мушакро равонаи Исроил кард. Аммо Исроил бо кумаки муттаҳидони худ, аз ҷумла Амрико ва Бритониё, бештари ин мушакҳо ва паҳбодҳоро раҳгирӣ ва сарнагун кард.

Дар он замон Урдун ҳам ба Исроил барои хунсо кардани ин ҳамлаҳо кумак карда буд. Айман Ас-Сафдӣ, вазири корҳои хориҷии Урдун ҳафтаи гузашта дар хусуси эҳтимоли густариши ҷанги минтақаӣ гуфта буд, ки Урдун иҷозат нахоҳад дод ин кишвар ба майдони ҷанг табдил шавад.

Дар муқобил, Бенямин Нетаняху, нахуствазири Исроил рӯзи якшанбе гуфта буд, ки ин кишвар омодагӣ дорад "ба ҳар таҷовузе посух диҳад".

# ЯҲЁ СИНВОР РОҲБАРИ НАВИ ҲАМОС



REUTERS

**Яҳё Синвор роҳбари сиёсии ҲАМОС - гурӯҳи фаластиние, ки зидди Исроил меҷангад, таъйин шуд. Ӯ дар ин вазифа Исмоил Ҳанияро, ки чанд рӯз қабл дар Теҳрон дар пайи як ҳамлаи террористӣ кушта шуд, иваз намуд.**

Яҳё Синвор яке аз чеҳраҳои калидӣ дар ҲАМОС аст. Мақомоти Исроил ӯро созмондиҳандаи ҳамлаи рӯзи 7-уми октябри соли 2023 медонанд. Ин ҳамла боис шуд, ки Исроил ба навори Ғазза ҳамла карду Фаластин шуд, ки то имрӯз идома дорад ва боиси марги даҳҳо ҳазор фаластинӣ гардид.

Гуфта мешавад, ки Яҳё Синвор пас аз ҳамла ба Исроил дар Ғазза пинҳон шудааст. Артиши Исроил ӯро барои нобуд кардан меҷӯяд, вале то ба имрӯз муваффақ нашудааст.

Яҳё Синвори 61-сола дар урдугоҳи паноҳандагон дар шаҳри Хон Юниси ҷанубии Ғазза ба дунё омадааст. Дар соли 2017 ӯ раҳбари ҲАМОС дар навори Ғазза интихоб шуд ва дар миёни фаластиниҳо ҳамчун як душмани бераҳм ва оштинопазири Исроил нуфуз пайдо кард. Ӯ нисфи умрашро дар зиндонҳои Исроил сипарӣ кардааст.

# ФИРОРИ ШАЙХ ҲАСИНА

Deutsche Welle

**Дар пайи эътирозҳо дар Бангладеш нахуствазири ин кишвар Шайх Ҳасина истеъфо дод ва ба Ҳиндустон фирор кард.**

Шабакаи телевизионии CNN хабар медиҳад, ки Шайх Ҳасина аз мақомоти Британияи Кабир дархости паноҳандагӣ кардааст.

Тибқи гузоришҳо, ҳазорон нафар рӯзи душанбе пас аз чанд ҳафта эътирозҳои хушунатомез ва даргирӣ бо неруҳои амниятӣ вориди қароргоҳи расмии Шайх Ҳасина дар Дакка шуданд. Дар эътирозҳои як моҳи ахири ин кишвар беш аз 300 нафар кушта шуданд.

Фармондеҳи артиши Бангладеш билофосила эълон кард, ки пас аз истеъфои нахуствазир ва фирори ӯ аз пойтахт, ҳукумати муваққатӣ ташкил хоҳад шуд.

Эътирозҳои донишҷӯён дар Бангладеш ҳудуди як моҳ қабл оғоз шуд. Ин тазоҳуроти хушунатомез алайҳи саҳмиябандӣ дар қонуни хадамоти мулкӣ оғоз шуд. Тибқи ин қонун 30 дарсад аз мансабҳои ҳукуматӣ бояд ба фарзандони қурбониёни ҷанги Бангладеш алайҳи Покистон дар соли 1971 дода шавад. Ин қонун дар соли 1972 аз сӯи раҳбари истиқлоли Бангладеш Шайх Муҷибурраҳмон - падари Шайх Ҳасина қабул шуда буд. Соли 2018 баъди эътирози донишҷӯён қонун бозбинӣ шуд. Аммо дар моҳи июн Суди олии Бангладеш ин қонунро аз сар гирифт. Ин боиси эътирози дигарбораи донишҷӯён ва мардум шуд ва пас аз 15 сол Шайх Ҳасинаро аз



мақомаш барканор кард. Пас аз фирори Ҳасина эътирозгарон даҳҳо ҳайкали падари ӯ Шайх Муҷибурраҳмонро тахриб ва аксҳои ӯро нобуд карданд.

Шайх Ҳасинаи 76-сола дар моҳи июни имсол чаҳорумин бор нахуствазири Бангладеш шуд. Ӯ аз соли 1996 то соли 2001 ва аз соли 2009 то 2024 дар мақоми нахуствазири Бангладеш кор кардааст.




# ШАРҲИ МУХТАСАРИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024

**7-уми августи соли 2024 мутобиқ ба амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси нақшаи ташкил ва гузаронидани нишастҳои матбуотӣ дар вазорату идораҳо оид ба ҷамъбасти фаъолияти низоми бонкӣ дар нимсолаи якуми соли 2024 дар Бонки миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии раис Толибзода Фирдавс Назримад ва бо иштироки хабарнигорони ВАО нишасти матбуотӣ баргузор гардид.**

Раиси БМТ Толибзода Фирдавс нахуст чорабиниро ҳусни оғоз бахшида, изҳор дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2024 фаъолияти худро тибқи қонунгузории соҳавӣ ва вазифагузориҳо аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, инчунин Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат амалӣ намуд.

### Таваррум дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок

Дар давраи ҳисоботӣ сатҳи таваррум 1,9 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,4 банди фоизӣ кам мебошад. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯроквории 1,3 фоиз, молҳои ғайрихӯроквории 1,6 фоиз ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ 4,0 фоиз ба амал омад.

Меъёри бозтамвил ҳамчун фишанги калидии сиёсати пулию қарзӣ бинобар идома ёфтани раванди муътадили сатҳи нархҳои дохилию ҷаҳонии молу маҳсулот, дурнамои мусбати нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, арзёбии коҳиш ёфтани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёт, инчунин аз доираи ҳадафи муқаррargardида паст қарор доштани сатҳи таваррум дар ин давра тадриҷан 0,75 банди фоизӣ паст карда шуда, дар сатҳи 9,25% солона муқаррар гардид.

Қайд гардид, ки дар давраи ҳисоботӣ БМТ сиёсати қурбиро дар речаи “шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб” идома дод. Қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ба андозаи 2,7 фоиз устувор гардид. Дар ҳамин давраи соли 2023 ин нишондиҳанда 7,0 фоиз коҳиш ёфта буд.

Бо назардошти вазъи иқтисоди ҷаҳон дар ин давра қурби расмии асъори миллии аксари кишварҳои шарики асосии тиҷоратии Тоҷикистон, аз ҷумла лираи Туркия 11,7 фоиз, тангаи Қазоқистон 3,7 фоиз, суми Ӯзбекистон 1,8 фоиз ва юани Чин 0,6 фоиз нисбат ба доллари ИМА коҳиш ёфт.

### Афзоиши теъдоди воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзӣ

Дар идома қайд гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то санаи 30-юми июни соли 2024 дар маҷмуъ 63 ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 14 бонки анъанавӣ, 1 бонки исломӣ, 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 19 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 ташкилоти қарзии хурд ва 25 фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд. Теъдоди воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи ҳисоботӣ ба 1 899 адад баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 18 адад зиёд мебошад.

Гуфта шуд, ки дороиҳо ва уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар интиҳои моҳи июни соли 2024 ба 41,2 млрд сомонӣ ва 33,2 млрд сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 мувофиқан 22,8 фоиз ва 25,0 фоиз зиёд мебошанд.

Сармояи тавозуни ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба санаи 30-юми июни соли 2024 ба 8,0 млрд сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин санаи соли 2023 ба андозаи 1,0 млрд сомонӣ ё 14,6 фоиз зиёд шудааст.

То санаи 30-юми июни соли 2024 бақияи умумии пасандозҳо 21,1 млрд сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин санаи соли 2023-юм 24,1 фоиз зиёд мебошад. Қобили қайд аст, ки аз ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳо ҳиссаи он бо пули миллӣ 61,1 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 38,9 фоизро ташкил намуд.

Маблағгузории қарзӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёт, вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ ба шумор рафта, ҳаҷми қарзҳои додашуда дар давраи ҳисоботӣ 10,6 млрд сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1,3 млрд сомонӣ ё 14,5 фоиз зиёд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда ба соҳаҳои истеъмолот 46,3 фоиз, кишоварзӣ 14,3 фоиз, савдои хориҷӣ 14,3 фоиз, саноат 11,9 фоиз, хизматрасонӣ 7,1 фоиз, сохтмон 3,5 фоиз ва дигар соҳаҳо 2,6 фоиз рост омада, аз он 32,0 фоиз ба соҳибкории истеҳсолӣ дода шудааст, ки ин маблағ 3,4 млрд сомониро ташкил додааст. Дар давраи ҳисоботӣ ба маблағи 7,9 млрд сомонӣ қарзҳои хурд дода шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 24,0 фоиз зиёд мебошад.

Меъёри кифоятии сармоя, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии устувории молияви низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад, ба санаи 30-юми июни соли 2024-ум 21,4 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба талаботи муқарраршуда (12 фоиз) 9,4 банди фоизӣ зиёд мебошад.

### Низоми пардохт

То санаи 30-юми июни соли 2024 миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 7,6 млн ададро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 28,7 фоиз зиёд мебошад. Инчунин, дар ин давра шумораи умумии ҳамёнҳои электронӣ ба 10,4 млн адад баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 39,0 фоиз афзоиш ёфтааст.

Барои анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ то санаи ҳисоботӣ дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ 7 939 POS-терминал насб гардидаанд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2023 теъдоди онҳо 71,2 фоиз зиёд мебошад. Инчунин, дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ 16,472 ҳазор QR-рамзи ягона насб карда шудааст.

Барои бо пули нақд таъмин намудани дорандагони кортҳои пардохтӣ нимсолаи якуми соли 2024 дар ҷумҳурӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ дар маҷмуъ 2 654 банкомат ва 3 597 терминали электронӣ дар хазинаҳои воҳидҳои сохтории бонкҳо насб карда шудаанд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2023 мувофиқан 36,3 фоиз ва 28,6 фоиз зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар муассисаҳои савдою хизматрасонии кишвар тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) амалиётҳои ғайринақдии пардохти молу хизматрасонӣ ба маблағи 12,8 млрд сомонӣ анҷом дода шудаанд. Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ таносуби ҳиссаи амалиётҳои гирифтани пули нақд ва амалиётҳои ғайринақдӣ 75 фоиз ба 25 фоизро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 ҳиссаи амалиётҳои ғайринақдӣ 8,4 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

### Робитаҳои байналмилалӣ

Дар давраи ҳисоботӣ рейтинги кредитии соҳибхтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ширкати байналмилалии рейтингии “Standart&Poor’s” бо баҳои кишвар дар сатҳи “B-/B” бо дурнамои “устувор” тасдиқ карда шуд.

Дар ҳамин давра Шӯрои мудирони Хазинаи Байналмилалии Асъор Барномаи “Фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат” (PCI)-ро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намуд. Барномаи мазкур ба муҳлати 22 моҳ барои Тоҷикистон тасдиқ гардида, ба нигаҳдории устувори макроиқтисодӣ, таҳкими асосҳои сиёсии мақомоти кишвар ва дастгирии талошҳои онҳо дар самти таъмини рушди нисбатан устувору фарогир равона мегардад.

Дар қисмати саволу ҷавоби нишасти матбуотӣ намояндагони воситаҳои ахбори омма ба саволҳо оид ба рушди бозори коғазҳои қимматнок, рушди бозори маблағгузории “сабз”, захираҳои байналмилалӣ, тадбирҳо оид ба вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, пешниҳоди навъҳои гуногуни хизматрасониҳои пардохтӣ, вазъи бозори асъор, омилҳои бекурбшавии асъори хориҷӣ, фоизи қарзҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, қарзҳои ипотекӣ ва дигар масъалаҳои муҳими низоми бонкӣ посухҳои мушаххас гирифтанд.

Дар фарҷом Фирдавс Толибзода ба намояндагони ВАО барои ҳамкории судманд, инъикоси воқеъбинонаи фаъолияти низоми бонкӣ изҳори сипос намуда, барои боз ҳам вусъат бахшидани ҳамкориҳои самарабахш омодагии хешро баён дошт.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

# НИГАРОНИИ ШАҲРВАНДОН ВА ТАДБИРАНДЕШИИ БЕТАЪХИРИ IRS



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чанд сол пеш чунин дастур дода буданд: «Бо мақсади мутобиқсозии иқтисодиёти миллӣ ба тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ, ҳифзи муҳити зист ва беҳбуди вазъи экологии ҷумҳурӣ воридоти воситаҳои нақлиёти барқӣ, яъне электромобилҳо, электробусҳо, троллейбусҳо ва монанди онҳоро бояд аз пардохтҳои андозӣ ва гумрукӣ пурра озод намуд. Аз ин лиҳоз, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки ҷиҳати тадриҷан фароҳам овардани инфрасохтор ва дигар шароити зарурӣ барои истифодаи чунин воситаҳои нақлиёт дар қаламрави ҷумҳурӣ тадбирҳо андешад».**

Ҳадафи асосии иқдоми навбатии филиали Ширкати саҳомии “Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси шартномаи консессионӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Оператор оид ба нигоҳдорӣ ва хизматрасонии роҳи Душанбе - Чанок махсуб мешавад, сахмгузорӣ дар татбиқи ин ташаббуси созанда мебошад.

Мавриди ёдоварист, ки чанде пеш дар дар воситаҳои ахбори омма ронандагони ин намуди автомобил аз набудани нуқтаҳои нерудиҳии электромобил дар роҳи Душанбе - Чанок нигаронӣ карда буданд. Масъулини IRS, ки мунтазам ба дилхоҳ муроҷиат, эрод ва пешниҳоди ба роҳи Душанбе - Чанок рабтдошта сари вақт вокуниш менамоянд, ба ин масъала низ бетафовутӣ зоҳир накарданд.

Бинобар ин, IRS дар масири Душанбе - Чанок 7 нуқтаи нерудиҳии электромобилро мавриди баҳрабардорӣ қарор медиҳад. Нуқтаҳои мазкур дар километрҳои 11, 15 (ноҳияи Варзоб), 107, 130 (ноҳияи Айнӣ), 284 (ноҳияи Ҷаббор Расулов), 300 (шаҳри Хуҷанд) ва 322-юм (ноҳияи Бобоҷон Ғафуров) ҷойгир буда, дар онҳо барои неругирии автомобилҳо тамоми шароит фароҳам хоҳад шуд. Қобили зикр аст, ки нуқтаи нерудиҳии вокеъ дар дар километри 11-уми роҳи мазкур алакай ба фаъолият шурӯъ намуд.

Масоҳати нуқтаҳои нерудиҳии электромобилҳо низ васеъ буда, барои фаъолияти пурмаҳсул 60 адад таҷҳизоти нерудиҳӣ бо иқтидори 180 киловат ҳар кадом ворид шудааст. Таҷҳизоти мазкур аз ширкати муътабари Ҷумҳурии Халқии Хитой, ки дар истеҳсоли чунин таҷҳизот таҷриба ва маъруфияташ бениҳоят зиёд аст, дастрас шуда, ба стандарти маъмули GB/N ва стандарти аврупоии CCS2 пурра ҷавобгӯ аст.

Ҷанбаи дигари муҳим он аст, ки дар нуқтаҳои мазкур технологияи пешрафтаи пардохти ҳақи истифодаи неруи барқ ва ҳисобкунакҳои электронии низоми CT - VT насбу истифода мешаванд. Фарқияту афзалияти технологияи зикршуда дар он зоҳир мегардад, ки дақиқияти истифодаи неруи барқ таъмин ва талафоти он пешгирӣ мегардад. Шоистаи зикр аст, ки чунин технология дар кишвар назир надошта, аввалин маротиба аз ҷониби IRS роҳандозӣ хоҳад гашт. Қобили зикр аст, ки иқдоми мазкур интиҳои кор набуда, роҳбарияти IRS тасмим доранд дар тамоми шаҳру ноҳияҳое, ки роҳи Душанбе - Чанок аз онҳо мегузарад, чунин нуқтаҳоро ба истифодаи сокинон вогузоранд.

Пардохти маблағи нерудиҳии автомобил низ хеле қулай ва бо назардошти муқаррароти Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” ҷорӣ хоҳад гашт. Пардохти маблағи зикршуда тавассути qr-код аз тарики spitamenpay (замимаи яке аз бонкҳои пешсафи мамлакат) ва замимабарномаи филиали Ширкат - Irs UltraEvs имконпазир аст. Ба ғайр аз ин, шаҳрвандон метавонанд аз нуқтаи зикршуда кортҳои амалисозии пешпардохтро дастрас намуда, онро мунтазам (дар заминаи пур намудани суратҳисоб) истифода намоянд.

Чунин тарзи кор дар баробари дигар омилҳои мусбат, ҳамчунин, шаффофият ва пешгирии истифодаи ғайримақсадноки пули истифодаи неруи барқро таъмин менамояд. Яъне пардохти маблағ бидуни дахолати инсонӣ сурат гирифта, бевоситаву фавран ба суратҳисоби ҶСК “Шабакаҳои тақсимоти барқ” интиқол мешавад.

Муҳим он аст, ки фаъолияти нуқтаҳои мавриди назар ба хатҳои барқ ва трансформаторҳои истифодаи умум сарборӣ эҷод намекунанд. Ба ибораи дигар, барои пешбурди фаъолияти нуқтаҳои зикршуда трансформатор ва хати интиқоли барқи ноҳияҳои Варзоб, Айнӣ, Ҷаббор Расулов, Бобоҷон Ғафуров ва шаҳри Хуҷанд истифода нашуда, аз ҷониби IRS хати алоҳидаи интиқоли барқ кашида, трансформаторҳои замонавии пуриқтидор насб хоҳанд шуд. Табиист, ки ин кор хароҷоти зиёд дорад, вале роҳбарияти IRS барои дар сатҳи хубу сифати баланд ва бо риояи талаботи бехатарӣ роҳандозӣ шудани фаъолияти нуқтаҳои нерудиҳӣ чунин тасмим гирифт.

Дар ҳар як нуқтаи хизматрасонӣ аз 5 то 10 таҷҳизоти нерудиҳӣ насб мешавад, ки ҳар кадом бо ду хати нерудиҳӣ метавонанд дар як вақт то 20 электромобилро бо неруи барқ таъмин намоянд. Қобили зикр аст, ки ин нуқтаҳо хатҳои уфуқӣ, камераҳои мушоҳидавӣ ва бунгоҳи назоратӣ доранд.

Дар маҷмуъ, иқдоми мазкур боз як далели масъулиятшиносии IRS буда, шаҳодати он аст, ки роҳи Душанбе - Чанок нигоҳбони ба маънои том боэътимод дорад.

Аз нишасти матбуотӣ

## НАВГОНИҲОИ ДОНИШГОҲ



**Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Раҳмон Дилшод Сафарбек гуфт, ки дар давраи ҳисоботӣ 37 кафедраи донишгоҳ қариб 400 семинару ҳамоиш баргузор кардаанд, ки дар онҳо 790 нафар устодон бо маърӯзаҳо баромад намудаанд.**

“Аз ҷониби донишҷӯён ба озмуни ҷумҳуриявии "Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон" 12 кори илмӣ-тадқиқотӣ пешниҳод гардида, 5-тои онҳо сазовори диплому мукофотҳо гардиданд”,- хабар дод ректор.

Ҳамчунин, ректор хабар дод, ки бунёди корпуси асосии донишгоҳ, ки аз 8 ошёна иборат аст, оғоз шудааст. “Бинои асосии донишгоҳ ба пешвози 80-солагии донишгоҳ, ки соли равон таҷлил мегардад, бунёд хоҳад шуд”,- гуфт ректор.

## ФОИДА АЗ САЙЁҲОН



**Раиси шаҳри Норак Фирӯза Шарифӣ гуфт, ки дар шаҳр 3 меҳмонхона, 29 ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ, 1 осорхона, мағозаи фурӯши армуғон, 46 адад мавзеъҳои сайёҳӣ, 220 истироҳатгоҳҳо мавҷуданд.**

Чунин суол пешниҳод гардид, ки аз ҳисоби онҳо чӣ миқдор маблағ ба буҷети шаҳр ворид шуд? Мудири шуъбаи молия Сухроб Раҳимзода ба ин пурсиш посух дод, ки дар шашмоҳаи аввали соли ҷорӣ аз ин ҳисоб ба буҷет 350 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст.

Масъулини идораҳои экологӣ, санитарӣ - эпидемиологӣ, барқ, андоз ва ғайра ба саволҳои сершумори рӯзноманигорон ҷавобҳои саҳеҳу қаноатбахш доданд.

## РУШДИ САНОАТИ ДАНҒАРА



**Дар ноҳияи Данғара дар доираи «Барномаи саноаткунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 дар шаш моҳи соли равон дар ҳаҷми 1 миллиарду 200 миллион сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол шудааст.**

Ин нишондод соли 2010 ҳамагӣ 198 миллион сомониро ташкил медод. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бошад, ба 892,7 миллион сомонӣ расидааст. Аз ин рақамҳо бармеояд, ки ноҳияи Данғара алакай ба натиҷаи ниҳоӣ - ба музофоти саноатӣ - аграрӣ табдил гардидааст. То ҷашни 35-солагии Истиқлоли кишвар ба истифода додани 144 иншооти дигар дар назар аст, ки бештари онҳо корхонаҳои саноатианд.

## ШОГИРДОНИ САЗОВОР



**Дар Донишгоҳи тиббии Хатлон айни замон 2226 нафар таҳсил доранд, ки 28% духтаронанд. 93 нафар табибони оянда бо квотаи президентӣ таҳсил доранд. Дар ин бора ректори донишгоҳ Убайдулло Қурбон иттилоъ дод.**

Хурсандибахш аст, ки шумораи озмоишгоҳҳо аз 9 адад ба 24-то расонида шуд. 749 нафар хатмкунандагони нахустин, аз соли 2021 инҷониб дар ҳифзи сиҳатии аҳолиянд. Ба наздикӣ боз 384 нафари дигар аз донишгоҳ ба кори мустақилона роҳхат хоҳанд гирифт. Боз 2 факултаи нави дигар ба фаъолият оғоз кард.

Донишгоҳ бо муассисаҳои тиббии Қарағанда, Омск, Воронеж, Тошканд ва ғайра ҳамкорӣ дорад.

**Таҳияи Нурулло Ҳасанов**

# ФАРЗАНДИ СОДИҚИ ВАТАН



## ДАРГУЗАШТИ ГЕНЕРАЛ-МАЙОР ХУДОЙҚУЛ ҲАМРОҚУЛОВ

**Субҳи 6-уми август дар шаҳри Душанбе қалби инсони бузург, собиқадори мақомоти амният, поягузори Хадамоти гумруки Тоҷикистон, собиқ вакили Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ходими давлативу ҷамъиятӣ, генерал-майор Худойқул Ҳамроқулов дар синни 78 аз тапидан бозмонд.**

Худойқул Ҳамроқулов 25-уми марти соли 1947 дар деҳаи Фароби шаҳри Панҷакент чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Бо иродаи қавӣ ва азму нияти пок, ӯ ба таҳсил дар факултаи физика ва математикаи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т. Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ) шурӯъ намуда, онро бо муваффақият хатм кард. Пас аз хатми ин донишкада, аз соли 1966 то 1967 дар ноҳияҳои Тоҷикобод ва Ғарм (ҳозира Рашт) ҳамчун омӯзгор фаъолият намуд ва хидмати аскариро дар ҳавзаи Закарпатия ба ҷо овард.

Худойқул Ҳамроқулов ҳамчун афсари Кумитаи бехатарии давлатии (КБД) назди Шӯрои Вазирони ҶСШ Тоҷикистон, корманди ваколатдори РКБД-и вилояти вақти Кӯлоб дар ноҳияи Ленинград (Муъминобод), ёрдамчии сардор, муовини сардори РКБД дар вилояти Кӯлоб, муовини сардори РКБД дар вилояти вақти Қӯрғонтеппа, ёрдамчии сардори РКБД дар вилояти Хатлон, сардори Сарраёсати назорати гумрукии назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Кумитаи давлатии гумруки ҷумҳурӣ, муовини вазири амнияти ҷумҳурӣ, мудири шуъба оид ба таъминоти асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсони Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовини раиси шаҳри Душанбе хизмат карда, барои кишвараш хизматҳои беандоза арзандае ба ҷо овардааст.

Солҳои охир роҳбари ҶММ «Ориент Адвентур» буд.

Барои хизматҳои арзандааш дар назди халқу Ватан, Худойқул Ҳамроқулов ба дараҷаҳои баланди давлатӣ ва соҳавӣ сазовор гардида, ҳамчун вакили Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати 12, мушовири давлатии Хадамоти гумруки ҷумҳурӣ дараҷаи 3 (генерал-майори Хадамоти гумрук), генерал-майори амният, номзади илмҳои иқтисод қадрдонӣ шудааст. Вай бо ордени Спитамен, медалу ифтихорномаҳо ва мукофотҳои давлативу соҳавӣ қадршиносӣ шудааст.

Ёди неки Худойқул Ҳамроқулов дар дилҳои мо абадӣ боқӣ хоҳад монд.

## ЁРОН ҲАМА РАФТАНД

**Ин субҳ маро дур аз Ватан хабари даҳшатбор, хабаре, ки эй кош, намешунидам, аз хоб бедор кард. Хабари марги дӯстам, бародарам, инсони ҳамдилу ба ҷон баробарам Худойқул Ҳамроқулов.**

Гиря гулӯгир мекунад, оби дида намегузорад, ки ҳарфҳои навиштаро хонам. Ин чи рӯзи мудҳише буд!

Медонистам, ки бемории шумо, дӯсти азизам, вазнин буд. Ҳар рӯз ё ба аёдат меомадам ё бо телефон аз ҳолатон пурсон мешудам.

Рӯзи охирин дидорбинӣ рӯйи ҷойгаҳ дароз хобида будед, сари болинатон духтаратон Сайёраи ҷигаркабоб меистод. Лаби бистар нишастам, аз ҳолатон пурсидам. Бо ишори ангушт даст боло карда, "Олӣ" гуфтед ва табассум кардед. Ҳис кардам, ки дард зӯрӣ дорад, вале онро фурӯ мебаред. Даст дароз кардам. Дастамро миёни ангуштонатон гирифта, хостед сахт фишоред. Аммо ангуштонатон маҷоли фишурдан надоштанд. Дилам тах кашид. Аз чӣ буд, ки лаб газидед. Дилбардорӣ кардам. Шумо ки марди сабуру бо-ирода будед, чизе нагуфтед. Аммо нигоҳатон, лабони дӯхтаатон бозгӯи ҳоли шумо буданд. Бо нигоҳ суҳбат доштем.

Гуфтам, ки духтур занг зад, бояд барои табобат мерафтам. Бо ишораи сар "Рав!" гуфтед. "Чӣ гуна меравам, шумо дар бистар?" гуфтам. Дубораю себора таъкид кардед, ки равам, вақти табобатро нагузаронам. Чанд дӯсти дигар ки он ҷо нишаста буданд, низ далолат ба рафтан карданд.

Аз фурудгоҳ занг задам. Гуфтанд, ки шумо шаб аз ҷой хестед, чанд лаҳза дар курсӣ нишастед. Дилам пур шуд, бе таҳлука ба роҳ баромадам. Аммо надонистам, ки ин ҳама хонарӯшанкунӣ будааст, надонистам, ки маро фотиҳа медиҳеду худ рӯзи дигар бо зиндагӣ падруд мегӯед.

Дурӣ бад будааст. Аз фурудгоҳ хабар доданд, ки имрӯз ҷониби Душанбе парвоз нест. Сахт дилгир шудам, ки наметавонам рӯи сардатонро бинам, пояи тобутатонро гираму фарёд кашам: "Алвидоъ, дӯст, акои бузург Худойқул!".

Ин лаҳзаҳо, замоне ки ҳама дар тараддуди ба хок супоридани шумо ҳастанд, дар гӯшае китоби хотиротро варақ мезанам.

Ёд доред, дар беморхонаи Маскав бистарӣ будед. Ба дидорбинӣ омадам. Роҳи бемористон, ки дур буд, ҳафтае он ҷо бистарӣ шудам. Барои табобат не, барои хар рӯз дар паҳлуятон будан, аз дидоратон, суҳбататон сер шудан. "Заҳри одамро одам мегирад" мегуфтед. Тӯлонӣ суҳбат мекардем. Аз пойлуч алафдаравӣ рафтан, хирманкӯбӣ, савори мошини боркаш хондан ба Душанбе омадан, машаққати давраи донишҷӯӣ, азоби гумруксозӣ, се маротиба дар Тавилдара дар дами марг қарор гирифтан, дар авҷи камолот - 54-солагӣ ба нафақа гусел шудан қисса кардед. Медонед, як суханатон аз ёдам намеравад. Пурсидед, ки "Медонӣ барои чӣ ман гирифтори ин бемориӣ шудам?". Намедонистам, вале тахмин мекардам...

Замоне, ки раиси гумрук будед, бародаратон, ки донишгоҳро хатм карда, дар мақомоти милитсия кор мекард, хоҳиш кард, ки дар гумрук ба кор гиред. Аммо шумо гуфтед то замоне, ки ман раис ҳастам, дар ин мақомот одамони наздики ман набояд кор кунанд. Бародаратон қаҳр карду ба Русия мардикорӣ рафт ва беному нишон ғайб зад. Қариб сӣ сол ӯро ҷӯстед, аммо аз ӯ нишоне пайдо накардед. Шояд сабаб ин буд?

Шояд ҳасрати марги ҳоҳари ҷавонмаргатон Саёҳат бошад, ки бароварда пеш кунам" мегуфтед. Аммо афсӯс, ки инсон аз пешомадаш бехабар аст. Ҳарчанд нақша мекашад, аммо намедонад, ки фардо чӣ хоҳад шуд.

Шояд соате баъд ҷисми шумо, дӯсти азизамро ба манзили хомӯшон мебаранд. Акнун фарзандону набераҳон падару бобои меҳрубон, дӯстону ҳаммаслакон ҳамнишини маҳфилороию ширингуфтору ширинрафтор, шогирдон устоди мушфиқу ҳидоятгари роҳи рост, корафтодагон Ҳамроқулови корбудкунро аз куҷо метавонанд пайдо кунанд?

Дӯсти азиз, медонам, ки руҳи аз ҷисм ҷудогаштаи шумо дар шифти хона манзараи видоъи наздиконро тамошо дорад. Вале миёни мардуми ҷамъомадагон, гирёну нолонҳо маро намебинад.



рои начоти дигарон аз коронавирус то лаҳзаи охирин хилъати духтурӣ аз тан бадар накарду худ қурбони он шуд.

Шумо бо диққат ҳар он чӣ ки ман мегуфтам, гӯш мекардед. Охир сар бардоштеду бо алам гуфтед: "Ман худам медонам барои чӣ гирифтори ин касалӣ шудам".

Афсӯс, ки асрори бемориатонро чун садҳо асрори дигар бо худ ба гӯр бурдед.

Он рӯзҳо, дар Маскав шабе аз шабҳо хоб дидам. Хоб дидам, ки устод Лоиқ Шералӣ дар сари роҳ, ки аз паҳлуяш дарё мегузашт, рост истодаанд. Пурсидам, ки устод, киро интизоред? Гуфтанд, ки Худойқулро. " Он кас ҳоло намеоянд" гуфтам. "Меояд, ман интизорам",- гуфтанд дубора. Бегоҳ ин хобамро ба акои Тоғоймурод, ки низ ба аёдати шумо ба Маскав омада буданд, гуфтам. Он кас сарашонро ҳам карда, ба фикр фурӯ рафтанд ва "Хоб пайғоми худо, афсӯс" гуфтанд.

Медонам, бо ирода, матонат ва ҷасорате, ки доштед, шумо то лаҳзаи охирин бо бемори муборизa мебурдед: "Очаи ин касалиро нишон медиҳам, қариб монд, ки аз бадан

Ман дар мулки мусофирӣ, дар гӯшае нишаста, хотиротро варақгардон мекунам ва даст ба дуо мебардорам:

Худовандо, дӯсти маро дар биҳишти абадӣ ҷой бидеҳ! Пайғамбар Муҳаммад (с) гуфтааст, ки "Ҳар касе ки ба халқу Ватан фидокорона хизмат мекунад, дар назди Худованд мақоми баланд дорад".

Худойқул Ҳамроқулов ҳамеша бо некиву ростқавлӣ ва хизматҳои беназир нақш дар хотираҳо доранд. Он кас як намунаи аълои инсон ва инсонгарӣ буданд, ки бо меҳрубониву самимият ва фидокорӣ ба халқ ва Ватан хизмат карданд.

Ай Худованди бахшанда, раҳмататро ба руҳи поки дӯсти азизам Худойқул Ҳамроқулов фирист. Хонаи охирати ӯро бо нур ва раҳмати худ пур кун ва ба ӯ дар биҳишт ҷой бидеҳ. Ӯро аз азобҳои қиёмат ва оташи ҷаҳаннам наҷот ва бо савоби бешумор сазовори мукофот гардон. Омин!

Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун.

(Мо ҳама аз Худоем ва ба сӯи Ӯ бармегардем).

**Шариф ҲАМДАМПУР**

# РОҲИ ПУРИФТИХОРИ ТЕМУР РАҲИМОВ

**Паҳлавони шинохтаи тоҷик Темур Раҳимов дар Бозиҳои тобистонаи олимпӣ дар шаҳри Парижи Фаронса дар мусобиқоти ҷудо дар вазни сангинтарин медали биринҷӣ ба даст овард.**



### Шикасти сеюм

Темур Раҳимови 27-сола дар Олимпиадаи Париж рӯзи дуюми август дар мусобиқоти чудо дар вазни беш аз 100 кило, ки дар даври аввал озод буд, дар даври дувум Эрик Абрамови 25-соларо аз Олмон шикаст дода, ба даври чорякниҳоӣ роҳ ёфт.

Дар чорякфинал Рахимов пахлавони ӯзбекистонӣ Алишер Юсупови 25-соларо дар "замони тилоӣ" (golden skore) мағлуб кард. Вале Темур дар даври ниманиҳоӣ аз ғолиби секаратаи олимпӣ ва қаҳрамони бисёркаратаи чаҳон Тедди Ринери 35-солаи фаронсавӣ дар муддати кӯтоҳ бо имтиёзи "иппон" шикаст хӯрд. Дарвоқеъ, Рахимов дар ҳарсе рақобаташ аз Ринер мағлуб шудааст.

Сипас паҳлавони тоҷик барои медали биринҷӣ варзишгари 32-сола, қаҳрамони чаҳон дар соли 2022 Энди Грандаро аз Куба мағлуб кард ва бори аввал соҳиби медали биринчии олимпӣ гардид.

### Роҳнамоии бобо

Темур Раҳимов 8-уми июли соли 1997 дар ноҳияи Рӯдакӣ таваллуд шудааст. Хатмкардаи мактаби №1-и зодгоҳаш аст. Соли 2014 ба факултети сайёҳӣ ва кӯҳии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов ҳуҷчат супорида, онро соли 2018 сарбаландона хатм намудааст.

Варзиш шуғли хонаводагии Темур Раҳимов будааст. Дар суҳбатҳояш гуфтааст, ки падараш Бахтиёр Раҳимов ва бобояш Рустам Абдураҳмонов гӯштингир буданд.

Маҳз бобояш барои варзишгар шудани Темур нақши асосӣ бозидааст. Рустам Абдураҳмонов бо паҳлавон ва мураббии шинохта Худойназар Бокиев робитаи дӯстӣ дошт. Ҳамин аст, ки набераашро аз синни 7-солагӣ ба мактаби варзишии Боқиевҳо бурд. Ҳамин тавр, сарнавишти Темур ба варзиш пайваст.

### Варзиши касбӣ

Дар варзиши касбӣ номи Темур соли 2012 пайдо шуд. Ҳамон сол ӯ дар чемпионати чумҳуриявӣ сазовори мақоми сеюм гардид. Соли 2013 бошад, дар ҷоми Ватан сазовори ҷойи аввал шуд. Инчунин ҳамон сол дар чемпионати Тоҷикистон дар вазни 90 кг ба гирифтани медали тило мушарраф гардида, мақоми аввали Бозиҳои осиёиро, ки Алмаатои Қазоқистон мизбонӣ мекард, ба даст овард.

Соли 2014 боз ҳам мавсими бобарореро Темур паси сар намуд, зеро дар ин сол мавсуф дар ҷоми Аврупо, ки дар шаҳри Анталияи Туркия гузашт, ба гирифтани нишони биринҷӣ даст ёфт.

### Дастовардҳои ҷаҳонӣ

Соли 2016 Темур дар Ҷоми Осиё сазовори медали нукра гардид. Ҳамон сол ӯ аз вазни + 90 кг ба вазни +100 кг гузашт. Соли 2017 ба нишони тилои 13-умин мусобиқаи байналмилалии Ҷоми Осиё, ки дар риштаи чудо ба хотири устоди варзиш Учқун Муродов дар шаҳри Чилчиқи Ӯзбекистон баргузор гардид, шарафёб шуд.

Моҳи октябри соли 2017 бошад, Темур дар шаҳри Загреби Хорватия, ки Чемпионати чаҳонии чудоро мизбонӣ мекард, ба гирифтани медали биринҷӣ дар вазни 100 кг шарафёб гашт.

Оғози соли 2018 Темур дар мусобиқаи байналмилалии кураш барои дарёфти Ҷоми президенти Ӯзбекистон, ки дар шаҳри Тошкент баргузор гардид, ба гирифтани медали биринҷӣ ва 10 000 доллар шарафёб гашт.

Моҳи апрели соли 2019 дар шаҳри Фуҷайраи Аморати Муттаҳидаи Араб Чемпионати Осиё оид ба чудо доир гардид, ки дар он Тоҷикистонро дар вазми +100 кг Темур Раҳимов намояндагӣ мекард. Дар ин мусобиқа қаҳрамони мо нишони нукра, инчунин роҳхати Бозиҳои олимпии Токио-2020-ро ба даст овард.

Бо сабаби шуюъи пандемияи КОВИД бозиҳои олимпӣ ба соли 2021 гузаронида шуд. Вале Темур дар ин сабқати олимпӣ ноком шуд.

Соли 2021 Темур медали нукраи мусобиқаи байналмилалии чудо "Тоскулоҳи бузург"-и Бокуро ба даст овард. Темур дар ин мусобиқа дар вазни 100 кило баромад намуда, баробари нишони нукра, инчунин 3000 евро ҷоизапулӣ низ гирифт. Ҷоизаи дигари паҳлавони тоҷик дар соли 2021 ин нишони биринҷӣ аз Гранд-слами Абу-даби ба шумор меравад.

Соли 2022 барои Темур бобарор оғоз гардид ва дар оғози мавсим, аниқтараш моҳи феврал дар мусобиқаи "Tel Aviv Grand Slam 2022", ки дар шаҳри Телавиви Исроил баргузор шуд, медали биринҷӣ ба даст овард.

Натиҷаи намоёни дигари Темур дар соли равон соҳиби медали биринҷӣ гардиданаш дар Гранд слами Анталия мебошад. Рақобатҳои охирин ва дастовардҳои бузурги Темур Раҳимов дар соли 2022 ин мусобиқаи Гранд Слами Абу Дабӣ (AMA) мебошад. Дар ин мусобиқа паҳлавони маъруфи кишвар Темур Раҳимов медали биринҷӣ ба даст овард.

# ДАНДОНПИЗИШКЕ, КИ ВАРЗИШГАР ШУД

**Муштзани 25-солаи тоҷик Давлат Болтаев дар Бозиҳои тобистонаи олимпӣ дар шаҳри Парижи Фаронса дар мусобиқоти бокс дар вазни то 92 кило медали биринҷӣ ба даст овард.**

### Баъди 12 сол

Ӯ рӯзи 4-уми август дар даври ниманиҳоӣ аз муштзани Ӯзбекистон Лазизбек Муллоҷонов шикаст хӯрд ва аз ҳақи ширкат дар даври ниҳоӣ маҳрум гашт.

Болтаев дар рақобати аввалинаш бар Георгий Кушиташвилии 28-сола аз Гурҷистон бо ҳисоби 3:2 пирӯз шуда, дар даври чорякниҳоӣ Ҷек Марлии 21-соларо аз Ирландия бо ҳисоби 4:1 шикаст дод ва ба нимфинал баромад.

Давлат Болтаев баъди 12 сол дастоварди Мавзуна Чориеваро дар Бозиҳои олимпӣ такрор кард. Мавзуна дар Олимпиадаи Лондон-2012 дар вазни то 60 кило миёни занон бо нишони биринҷӣ сарфароз шуда буд.

### Дастгирии волидайн

Давлат Болтаев, ки бори аввал соҳиби медали олимпӣ шуд, 13-уми январи соли 1999 дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст. Аз хурдӣ ба варзиш машғул буд, вале дар риштаи дандонпизишкӣ таҳсил кард. Дар як суҳбаташ варзишгар мегӯяд: "Ман орзуи дандонпизишк шуданро надоштам. Аммо дӯсти бехтарини ман, ки ба ин самт рафта буд, маро низ ба ин ихтисос ҷалб кард. Аз рӯи ин ихтисос Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявиро хатм намудам. Вале дар ин самт фаъолият накардаам. Ҳоло танҳо бо варзиш машғул ҳастам ва меҳоҳам дар бокс корномаи варзишии худро созам".

Давлат мегӯяд, ки дар ҷодаи варзиш волдайнаш ҳамеша дар канораш ҳастанд: "Волидонам дар ҳама ҳолат дастгирам ҳастанд. Онҳо танҳо ҳаминро таъкид менамоянд, ки чизе ба ҳоҳиши дилам бошад, ҳамонро иҷро намоям".

### Қаҳрамони чанд майдон

Давлат Болтаев дар чанд навъи варзиш неру санҷидаву ба



дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ доир ба таэквандо ду маротиба унвони қаҳрамонӣ ба даст овардааст. Ду маротиба - бори аввал дар Чемпионати ҷаҳон, ки соли 2014 дар Тоҷикистон шуда гузашт ва бори дуюм дар Италия аз намуди "таэквандо ITF" қаҳрамони ҷаҳон шудааст. Аз намуди муайтай дар шаҳри Ашкободи Туркманистон мақоми сеюмро ишғол кард. Инчунин соли 2017 мақоми ифтихориро дар ҷоми ҷаҳон аз намуди варзиши кудо дар Ҳиндустон ба даст овард. Вале солҳои охир Давлат Болтаев пурра ба бокс машғул аст. Худ мегӯяд: "Аз интихобам пушаймон нестам. Бисёр хушҳолам, ки ба бокс машғулам. Кишвари хешро муаррифӣ менамояму Парчами онро боло мебардорам. Фахр мекунам".

### Дастовардҳои муштзан

Соли 2022 ба унвони қаҳрамони бокси Осиё дар байни ҷавонони синнашон то 22-сола даст ёфт. Моҳи майи соли 2023 дар қаҳрамонии бокси ҷаҳон то даври чорякниҳоӣ расид ва моҳи октябри ҳамон сол дар Бозиҳои осиёӣ дар Ҳангҷоуи Чин дар мусобиқоти бокс дар вазни то 92 кило ғолиб гардида, аз байни варзишгарони тоҷик яке аз нахустинҳо шуда, ба Олимпиадаи Порис роҳхат гирифт.

# ДУ ТАЪРИХСОЗИИ СОМОН



**Рӯзи 30-юми июл Сомон Маҳмадбеков, паҳлавони маъруфи тоҷик бо шикаст додани варзишгари итолиёӣ Антонио Эспосито соҳиби медали биринҷии Бозиҳои олимпӣ дар шаҳри Парижи Фаронса шуд ва нахустин медалро ба Тоҷикистон овард.**

### Пас аз 16 сол

Дар 16 соли охир ин медали аввалини чудокорони тоҷик дар Бозиҳои олимпист. Бори охир дар Олимпиадаи Пекин-2008 Расул Боқиев дар риштаи чудо дар вазни то 73 кило соҳиби медали биринҷӣ шуда буд.

Сомон Маҳмадбеков, барандаи медали биринҷии қаҳрамонии ҷаҳон, ки дар мусобиқаи чудо дар вазни то 81 кило дар даври аввал озод буд, дар даври дувум Фарес Бадавии фаластиниро шикаст дод. Ӯ дар даври севум бар Франк Де Вит аз Ҳолланд пирӯз шуда, ба даври чорякниҳоӣ роҳ ёфт. Аммо Сомон дар чорякфинал аз қаҳрамони секаратаи ҷаҳон Тато Григалашвилии гурҷӣ мағлуб шуд.

Маҳмадбеков муборизаро дар даври тасаллобахш идома дода, бар паҳлавони ӯзбек Шарофиддин Болтабоев ғолиб омад. Сомон дар рақобати ҳалкунанда барои медали биринҷӣ бар Антонио Эспозитои итолиёӣ дастболо шуд.

### Ба шарафи Исмоили Сомонӣ

Сомон соли 1999 дар шаҳри Иркутски Федератсияи Русия таваллуд шудааст. Ҳамин аст, ки расонаҳои русӣ ҳам аз ғалабаи Сомон истикбол карда, навиштанд: “Зодаи Иркутск дар Олимпиадаи Париж соҳиби медали биринҷӣ шуд!”. Вале қиссаи таваллуди ҷаҳонпаҳлавони мо дар Русия низ ҷолиб аст.

Волидайни ӯ - сокинони ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои дидорбинӣ аз хешу акрабо ба Иркутск сафар мекунанд. Дар давоми сафар Сомон ба дунё меояд.

Падари Сомон дар як мусоҳиба гуфтааст: “Мо вақте дар Русия будем, Сомон таваллуд шуд. Он рӯзхо 1100-солагии асосгузори давлати Сомониён - Исмоили Сомонӣ ҷашн гирифта мешуд. Ба хотири ин шахси бузургвор бо оилаам тасмим гирифтем, то номи аввалин писари мо Сомон шавад”.

### Вақте мураббӣ рад мекунад...

Чун дар оилаи Маҳмадбековхо машғул шудан ба варзиш анъанаи дерин аст, Сомонро низ падар дар 6-солагӣ ба толори варзишӣ меорад. Вале аз сабаби он ки Сомон нисбат ба дигар ҳамсинну солони хеш хурдҷуссатар буд, мураббӣ Муҳаммадшариф Сулаймонов ӯро қабул намекунад. Баъд аз хоҳиши исрори зиёди падар мураббӣ Сомонро барои тамошои тамринхо иҷозат медиҳад. Ҳамин тавр ҷаҳонпаҳлавони оянда ду сол дар толори варзишӣ тамринҳоро тамошо мекунад...

### Тамрин дар Русия

Тирамоҳи соли 2008 амаки Сомон - Эргаш Маҳмадбеков аз Русия ба Тоҷикистон меояд. Чун мефаҳмад, ки Сомон шавки беандоза ба варзиш дорад ва ду сол аст, ки тамошобини тамринхост, пешниҳод мекунад, ки ӯро бо худ ба Русия барад.

Волидайни Сомон мусофирати писарашонро дар даврони кӯдакӣ қабул намекунанд, вале худи ӯ исрор меварзад.

Билохира Сомон бо амакаш Эргаш Маҳмадбеков ба Русия, ба шаҳри Иркутск меравад. Дар толори варзишии чудо, ки барои кӯдакон ифтитоҳ гардида буд, писарамаки Сомон Маҳмадбек Маҳмадбеков низ тамрин мекард. Ҳамин тавр, Сомон ба тамрин оғоз кард. Дар баробари ин, роҳи ӯ дар майдонҳои бузург оғоз ёфт. Ҷаҳонпаҳлавон дар ҳамаи мусобиқаҳо аз номи Тоҷикистон баромад мекунад.

### Дар майдонҳои бузург

Сомон Маҳмадбеков иштирокдори мусобиқаҳои сатҳи ҷаҳонӣ, аврупоӣ ва осиёӣ буда, миёни тоҷикон аввалин варзишгарест, ки аз Қаҳрамонии чудои ҷаҳон миёни ҷавонон моҳи октябри соли 2017 дар шаҳри Загреби Хорватия нишони биринҷиро ба даст овард. Ҳамзамон, Сомон нахустин қаҳрамони чудои ҷаҳон миёни ҷавонон аз Тоҷикистон мебошад, ки моҳи октябри соли 2019 дар Марокаш нишони тилоро ба гардан овехт. Моҳи августи соли 2019 дар Қаҳрамонии чудои ҷаҳон миёни мардон Токио-2019 ширкат карда, барандаи мақоми ифтихории 5-ум шуд. 23-юми ноябри соли 2019 дар шаҳри Осакаи Ҷопон дар мусобиқаи бонуфузи “Тоскулоҳи бузурги Осака-2019” сазовори мақоми сеюм гардид. Сомон айни замон дар раддабандии ҷаҳонии чудо мавкеи 24-умро касб кардааст.

### Пас аз 17 сол

Тавре дар оғози матлаб ишора шуд, Сомон Маҳмадбеков чудокорест, ки баъди 16 сол медали бозиҳои олимпиро ба гардан овехт. Дар ин ҷо зикри як нуктаи дигар бамаврид аст. Моҳи майи соли равон ин чудокори номошнои тоҷик дар Қаҳрамонии чудои ҷаҳон - 2024 дар вазни -81 кг барандаи ҷойи сеюм ва медали биринҷии ин мусобиқаи ҷаҳонӣ шуд.

Сомон барои соҳиб шудани медали биринҷӣ варзишгари гурҷӣ Гочилаидзе Димитриро шикаст дода, дар саҳифаи чудои кишвар таърихсозӣ кард.

Маҳмадбеков саҳифаи наверо пас аз 17 сол дар таърихи чудои тоҷик боз сохта, ӯ дастоварди Расул Бокиевро дар Қаҳрамонии чудои ҷаҳон такрор намуд.

Яъне Сомон Маҳмадбеков дар соли 2024 ду маротиба таърихсозӣ кард. Мо ба ин варзишгари тавонманд барор мехоҳем.

## ҶОМИ ТОҶИКИСТОН

# ҶУФТҲОИ ДАВРИ ЧОРЯКНИҲОӢ МАЪЛУМ ШУДАНД

**Дар доираи Ҷоми Тоҷикистон-2024 бозиҳои ҷавобии марҳилаи ҳаштякниҳоӣ баргузор шуданд, ки дар натиҷа ҷуфтҳои даври чорякниҳоии мусобиқа маълум гардиданд.**

Дар бозиҳои ҷавобии даври ҳаштякфинал «Истаравшан» дастаи «Душанбе»-ро бо ҳисоби 4:1 (бозии аввал 3:1) мағлуб кард. Дастаи «Регар-ТадАз» бар «Баркчӣ» бо ҳисоби 2:0 (бозии аввал 3:2) пирӯз шуд. «Вахш» бо «Кӯктош» 1:1 кард, аммо дар бозии аввал бо натиҷаи 3:0 ғалаба карда буд. «Хуҷанд» ба дарвозаи «Файзканд» 10 голи бечавоб (бозии аввал 3:1) зад. «Панҷшер» аз дастаи «Равшан» бо ҳисоби 2:0 (бозии аввал 0:6) шикаст хӯрд. «Шодмон» дастаи «Сардор»-ро бо ҳисоби 4:0 (бозии аввал 1:1) ноком кард. «Эсхата» аз «Истиқлол» бо ҳисоби 2:8 (бозии аввал 1:6) мағлуб шуд. КМВА тавонист, ки «Ҳосилот»-ро бо ҳисоби 2:0 (бозии аввал 1:0) ноком кунад.

Дар даври чорякниҳоии Ҷоми кишвар дастаҳои «Истиқлол» - «Истаравшан», «Шодмон» - «Регар-ТадАЗ», «Вахш» - «Хуҷанд» ва КМВА - «Равшан» бозӣ мекунанд. Вохӯриҳои аввали даври чорякниҳоии Ҷоми Тоҷикистон-2024 рӯзҳои 23-25-уми август ва бозиҳои ҷавобӣ рӯзҳои 30-31-уми август баргузор мешаванд.



## РЕЗААХБОР

*7-уми август қисми ниҳоии мусобиқаи Лигаи наврасони Тоҷикистон «Пешсаф» байни бозигарони то 18-сола оғоз мешавад. Дар чемпионат, ки дар ду давра барпо мегардад, 8 даста иштирок мекунанд. Инҳо «Ҷавонӣ» (Ҷаббор Расулов), «Эсхата» (Хуҷанд), МҶМОВ, КМВА, «Душанбе» (ҳама аз Душанбе), МДМВ «Ёқут» (Ваҳдат), МДМВ (Ҷайҳун) ва «Равшан» (Кӯлоб) ҳастанд.*

***

*Маросими қуръакашии «Ҷоми Мердека» баргузор шуд, ки дар даври ниманиҳоии он дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо тими миллии Лубнон бозӣ мекунад. Дар бозии дигар Малайзия ва Филиппин вомехӯранд. Ғолибон дар финал ва мағлубшудагон дар рақобат барои ҷойи сеюм бозӣ мекунанд. Бозиҳои ниҳоии Ҷоми Мердека-2024 рӯзи 8-уми сентябр баргузор мешаванд.*

***

*Дастаи яккачини волейболи соҳилии Тоҷикистон дар Чемпионати CAVA (Иттиҳодияи волейболи Осиёи Марказӣ) дар шаҳри Пхемпхуи Шоҳигарии Бутан сазовори ҷойи 3-юм шуд. Ин аввалин бор аст, ки дастаи волейболи соҳилии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба чунин натиҷаи назаррас ноил мешавад.*

***

*Раиси шаҳри Душанбе қарор кардааст, ки нахустин Чемпионати ҷаҳонии “Гӯштингирӣ” рӯзҳои 28-31-уми август дар шаҳри Душанбе баргузор карда шавад. Дар он зиёда аз 200 варзишгар аз 60 кишвари ҷаҳон иштирок хоҳанд кард. Рақобатҳо дар 9 категорияи вазн - 3 категория барои занон ва 6 категория барои мардон баргузор мегарданд. Фонди ҷоизавии мусобиқа 400 ҳазор доллар аст.*



# АФЗОИШИ СОДИРОТИ МОЛ АЗ ТОҶИКИСТОН



**Ҳаҷми умумии содироти Тоҷикистон дар 6 моҳи аввали соли ҷорӣ 997 млн долларро ташкил додааст, ки ин нисбат ба ҳамин даврai соли гузашта 319 млн доллар ё 47% бештар аст.**

Дар ин бора Баҳриддин Сироҷиддинзода, раиси Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни нишасти хабарӣ иттилоъ дод.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар нимсолаи якуми соли 2024 гардиши савдои хориҷии кишвар 4 млрд 413 млн долларро ташкил додааст, ки ин нисбат ба ҳамин даврai соли гузашта 990 млн доллар ё ин ки 29% бештар аст.

Ҳаҷми содироти маҳсулоти саноатӣ дар ҳамин давра 969 млн долларро ташкил додааст, ки дар қиёс бо 6 моҳи аввали соли гузашта 314 млн ё 48,1% зиёдтар аст. Дар ин давра маҳсулоти кишоварзӣ бошад, ба маблағи 28 млн доллар дар ҳаҷми 77 200 тонна содирот шуд, ки ин нисбат ба нимсолаи аввали соли гузашта 4,7 млн доллар ё 19,4% бештар аст.

Ба иттилои Агентии содирот, ин ниҳод дар 6 моҳи аввали соли равон ба Қазоқистон, Русия ва Беларус 1446 тонна маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла 1995 тонна пиёз, 275 тонна олу, 40 тонна лаблабу, 18,5 тонна шафтолу ва 17,5 тонна қаламфури булғориро содирот кардааст.




# ЗИЁД ШУДАНИ ИСТЕҲСОЛ ВА ВОРИДОТИ ОРД



**Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар Тоҷикистон беш аз 260 ҳазор тонна орд тавлид шудааст. Инчунин дар ин муддат воридоти ин маҳсулот низ афзоиш ёфтааст.**

Дар ин бора Қурбонзода Сафаралӣ Нуралӣ, муовини аввали сардори Хадамоти зиддиинҳисории Тоҷикистон дар нишасти матбуотӣ хабар дод.

Ба гуфти Қурбонзода, дар шаш моҳи соли 2024 дар Тоҷикистон 263,7 ҳазор тонна орд истеҳсол шудааст, ки нисбати соли гузашта 28,7 ҳазор тонна ё худ 12,2 дарсад зиёд мебошад.

Арзиши умумии орди истеҳсолшуда 850,2 миллион сомониро ташкил дод.

Ҳамзамон дар нишасти матбуотӣ зикр шуд, ки ҳаҷми воридоти орд ба Тоҷикистон аз хориҷа низ дар ин муддат афзоиш ёфтааст.

Тибқи омори расмӣ, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ба Тоҷикистон 38 ҳазору 485,8 тонна орд бо арзиши умумии 12 млн 152,8 ҳазор доллар ворид шудааст, ки нисбат ба ҳамин даврai соли гузашта 17305,1 тонна ё худ 81,7 дарсад бештар аст.

Нархи миёнаи як тонна орди воридотӣ 316 долларро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта 19 доллар камтар шудааст.

Қобили зикр аст, ки дар бозори воридоти орд ба Тоҷикистон 28 ширкат фаъолият доранд, ки нисбат ба ҳамин даврai соли гузашта 12 адад зиёд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии орди воридотӣ 80,68% ба Қазоқистон, 19,05% ба Русия ва 0,27% ба Ӯзбекистон рост меояд.




# АФЗОИШИ САРМОЯГУЗОРӢ БА ТОҶИКИСТОН

**Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон аз афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ ба мамлакат дар соли 2024 иттилоъ медиҳад.**



То моҳи июли соли равон ба иқтисоди Тоҷикистон 1,95 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба ҳамин даврai соли гузашта 45,9 фоиз зиёд мебошад.

Дар ин бора раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон Султон Раҳимзода дар нишасти матбуотӣ хабар дод.

Ба гуфтаи вай, воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар ин давра 153,9 миллион долларро ташкил дода, ба 112,6 фоиз баробар шудааст.

Раҳимзода таъкид кард, ки дар ин давра барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ кор бурда шуда, 3 созишномаи нави сармоягузорӣ ба маблағи умумии 2 млрду 16 млн доллар барои бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ ба имзо расонида шуд.

Қайд карда шуд, ки барои ба имзо расонидани боз 6 созишномаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 345 млн доллар корбарӣ идома дорад.



# БОЗДОШТИ 1 НАФАР ДАР ПАЙИ 15 КУШТОР

**Дар пайи чанд куштore, ки моҳҳои март ва апрел дар Конибодом рух дод, як гумонбар дастгир шудааст.**






Дар ин бора Абдусалом Тухтасунзода, раиси шаҳри Конибодом дар нишасти матбуотӣ хабар дод.

"Гурӯҳи фаврӣ-тафтишотии Прокуратураи генералӣ ин корро пеш мебарад. Бино ба хабарҳое, ки ман дорам, як нафар боздошт шудааст. Боқимондаи кор идома дорад. Дар рӯзҳои наздик боз хабар медиҳанд",- зикр намудааст Тухтасунзода рӯзи 31-уми июл.

Бо сабаби халал нарасонидан ба чараёни тафтишот дар бораи гумонбар чизе гуфта намешавад.

Вале раиси шаҳри Конибодом ба ҳам пайваст будани чанд куштори пурсарусадоро дар ин шаҳр рад кард ва гуфт, ки онҳо бо ҳам алоқамандӣ надоранд.

Ин мансабдор наворҳоеро, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр шуд ва сиёҳпӯше ба хонаҳои одамон медаромад, шарҳ дод.

"Сиёҳпӯшхо дар ҳудуди шаҳри Конибодом набуд. Он видеое, ки ба шабакаҳои иҷтимоӣ партофтанд, ба ягон ҷойи шаҳри Конибодом монанд набуд ва чунин одам ҳам нест. Ҳамаи ҳамин чиз барои мардумро ба таҳлука андохтан буд",- гуфт ӯ.

Ёдовар мешавем, ки аз оғози сол то ҳол ҳодисаҳои куштор дар шаҳри Конибодом ҷомеаро дар ҳолати тарс қарор додааст. Дар ин муддат 5 куштори оилавӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷаи он 15 нафар кушта шуданд. Сокинон нигаронанд, ки бо гузашти 4 моҳ натанҳо ин кушторҳо ошкор нашуданд, балки мақомот шарҳе намедиҳад.

# ПАДАРИ АЛИМЕНТГУРЕЗ

**Хадамоти иҷрои Ҳукумати Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ беш аз 22 ҳазор арзу шикояти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро баррасӣ карда, зиёда аз 400 нафарро барои напардохтани алименти фарзандон дар кофтуков эълон кардааст.**



Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ Барно Саидвализода, сардори Хадамоти иҷрои ҳукумати Тоҷикистон иттилоъ дод.

Дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дода шуд, ки бинобар саркашӣ намудани қарздорон аз пардохти маблағи алимент нисбати 128 нафар қарздорон тибқи талаботи моддаи 177-и Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти додситонӣ парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз гардидаанд.

Аз сӯи дигар, нисбат ба 418 нафар қарздорон барои сари вақт напардохтани маблағи алимент ва пинҳон кардани суроғаи ҷои зисташон бо қабули қарорҳои дахлдор кофтуков эълон гардида, барои ҷустуҷӯ ба шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои ин кишвар ирсол шудаанд.

# ИХРОҶИ 17 ҲАЗОР МУҲОҶИР ДАР НИМ СОЛ



**Дар ним сол 17 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистонро аз ҳудуди Русия ихроҷ (депортатсия) кардаанд. Дар ин бора Гулнора Ҳасанзода, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон хабар дод.**

Вазир сабаби ронда шудани муҳоҷиронро гуногун, аз ҷумла риоя накардани қонунҳои Русия донист. Вай нагуфт, ки тоҷикон ҳадафи сиътези мақомоти давлатии Русия қарор гирифтаанд. Қаблан даҳҳо муҳоҷирон шикоят доштанд, ки мақомоти Русия гоҳе онҳоро беасос ва барқасдона дастгир ва аз ин кишвар берун кардаанд. Як бахши умдаи ихроҷҳо дар фурудгоҳҳои Русия ба амал омадааст.

"Дар умум, дар шаш моҳи соли ҷорӣ беш аз 380 ҳазор нафар аз Тоҷикистон ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Русия рафта, бозгашти онҳо дар ин давра каме бештар аз 324 ҳазор нафарро ташкил медиҳад",- афзуд вазир.

Ӯ гуфт, ки муҳоҷирати кории тоҷикистониҳо дар муқоиса ба нимсолаи аввали соли равон 16 дарсад кам ва бозгашти онҳо ба кишвар 3 дарсад бештар шудааст.

*Вазорати корҳои дохилии Русия хабар дод, ки дар нимаи аввали соли 2024 қариб 1000 нафарро аз шаҳрвандии Русия маҳрум кардаанд. Дар ин бора намояндаи расмии ВКД Русия Ирина Волк хабар медиҳад.*

*Беш аз нисфи онҳо ба далели даст доштан дар ҷиноятҳои марбут ба қочоқи маводи мухаддир шаҳрвандии русиашонро аз даст додаанд.*

*Моҳи апрели соли 2024 ба қонуни федералӣ "Дар бораи шаҳрвандии Федератсияи Русия" як силсила тағйирот ворид карда шуд, ки барои даст доштан ба беш аз 40 навъи ҷиноят аз шаҳрвандии Русия маҳрум сохтани хориҷиёни тоза ба ин кишвар воридшударо иҷозат медиҳад.*




## Аз нишасти матбуотӣ



**Мақомоти Тоҷикистон 264 сокини шаҳри Истаравшанро ҷустуҷӯ доранд. Аксари онҳо барои содир кардани ҷинояти марбут ба тундгароӣ муттаҳам мешаванд.**

Раиси шаҳр Адҳам Маъмурзода зимни нишасти хабарӣ гуфтааст, ки вазъ нигаронкунанда аст. "Мақомот аксари онҳоро тибқи моддаи 307-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷустуҷӯ дорад. Танҳо дар шаш моҳи соли равон 51 нафар сокинони шаҳри Истаравшан бо моддаҳои вобаста ба терроризму экстремизм ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд",- мегӯяд Маъмурзода.



**Дар шаш моҳи соли равон дар дарёву кӯлҳои кишвар 86 нафар ба ҳалокат расидаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2 нафар зиёд аст. Аз 86 нафар 26 нафарашон занҳо мебошанд.**

Рустам Назарзода, раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодаи Тоҷикистон 31-уми июл зимни нишасти матбуотии ин ниҳод изҳори нигаронӣ намуд, ки сарфи назар аз рейдҳои мунтазам ва воҳӯриҳо шаҳрвандони кишвар дар обҳо ғарқ мешаванд ва ба ҳалокат мерасанд. Сабабҳои он 25% аз беэҳтиётӣ, 19 дарсад риоя накардани қоидаҳои оббозӣ, 9% беназоратии волидайн, 5 дарсад худкушӣ ва ғайра гуфта шуд.



**Се соли оянда Тоҷикистон ният дорад, ки аз нисф зиёди молу маҳсулоти воридотиро дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсол карда, ба ин васила вобастагӣ аз воридотро коҳиш диҳад.**

Муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Ашӯрбой Солеҳзода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод, ки дар нимсолаи аввали соли 2024 ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) 61,7 млрд сомонӣ ва суръати воқеии афзоиш - 8,2%-ро ташкил дод.

# ОФТОБЗАДАГӢ

## Роҳҳои пешгирӣ ва табобати он



**Имсол тобистон бениҳоят гарм омад. Гармои шадид ба саломатии одамон, махсусан кӯдакон бетаъсир намонда, боиси гирифтор гаштан ба ҳар гуна касалиҳо мешавад. Дар ин матлаб дар бораи яке аз бемориҳои маъмулии тобистона - офтобзадагӣ суҳбат хоҳем кард.**

### Чаро кӯдакро офтоб мезанад?

Сарфи назар аз он ки барф меборад ё ҳаво 40 дараҷа гарм шуда, нафас кашидан душвор аст, кӯдакон дар кӯча давондав ва шӯхию бозӣ карданро дӯст медоранд. Аксари модарон ба хотири каме осудан аз шӯру мағали бачаҳо ба ин чандон аҳамият намедиҳанд, вале дар чунин ҳавои тафсон дар кӯча муддати дурудароз гаштугузор кардани кӯдакон метавонад боиси бемор гаштани онҳо гардад.

**!** Модарон бояд махсусан нисфирӯзӣ (аз соатҳои 11 то 17-и бегоҳ) кӯдакони хурдсолашонро ба кӯча баромадан нагузоранд, зеро дар ин вақти рӯз ҳарорати офтоб бениҳоят баланд аст ва зери таъсири нурҳои ултрабунафш хатари кӯдакро офтоб задан даҳчанд зиёд мегардад, махсусан агар кӯдак сари луч мегашта бошад.

### Нишонаҳои беморӣ

Волидон на ҳамеша офтобзадагиро аз дигар бемориҳои кӯдакона фарқ карда метавонанд, бинобар ин, мо дар бораи нишонаҳои асосии ин беморӣ каме маълумот медиҳем.

Маъмулан вақте кӯдакро офтоб мезанад, сусту бемадор гашта, аз дарди сар шикоят мекунад. Дилаш тез-тез беҳузур шуда, қай карданаш ҳам мумкин аст. Табаш баланд шуда, то ба 39-40 дараҷа расида метавонад.

Нишонаҳои дигари офтобзадагӣ - ин чарх задани сар, тез-тез задани набз, тез шудани кори дили кӯдак ва хунравӣ аз бинӣ мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо кӯдаки офтобзада ҳатто аз ҳуш меравад.

Барои он ки ҳолати кӯдак торафт бадтар нашавад, фавран ба кӯдаки бемор ёрӣ расонидан лозим аст.

### Чӣ гуна бояд ёрӣ расонд?

Аввалин коре, ки шумо бояд анҷом диҳед, ин ба ҷойи соя ва салқин бурдани кӯдаки офтобзада мебошад. Пас аз ин либоси кӯдакро бояд аз танаш кашед, то ки ҷисмаш осоиш ёбад. Ба таги сари кӯдак болишт монед ва агар аз ҳуш нарафта бошад, ба ӯ ягон нӯшокии хунукак, масалан компот диҳед. Ба нӯшокӣ каме намак ва як қошуқ шакар андозед, беҳтар аст. Ин ба барқарор шавии қуввати кӯдак ёрӣ медиҳад. Барои он ки таъсири нурҳои офтоб ва гармо зудтар аз ҷисми кӯдак хориҷ шавад, латтаеро тар карда, ба пешониаш гузоред. Метавонед ба гардан ва ба таги каши кӯдак низ латтаи тар монед, то ки ҷисмаш сарду салқин шавад.

### Муроҷиат ба табиб лозим аст?

Бале! Духтурон ҳолати кӯдакро дидаву санҷида, мувофиқи он амал мекунанд. Ҳолати умумии кӯдаки офтобзада агар хуб бошад, дар хона ба ӯ табобат таъин мекунанд, вале ҳолати кӯдак вазнин ва аз ҳуш рафтаю саломатиаш зери хатар қарор дошта бошад, ӯро фавран дар бемористон бистарӣ мекунанд.

**!** Волидон бояд дар чунин ҳолатҳо ба бистарӣ кардани кӯдак (махсусан агар тифли хурдсоли 1-5-сола бошад) дар беморхона мухолифат накунанд, чунки офтобзадагӣ метавонад боиси беобшавии организм гашта, кори узвҳои дохилии кӯдакро халалдор созад ва окибатҳои нохушро ба бор оварад.

### Чӣ бояд кард?

Аксари падару модарон офтобзадагиро чандон бемории ҷиддӣ ҳисоб накарда, ба кӯдаки офтобзада аҳамият намедиҳанд. Ин кори хато аст, чунки тавре дар боло гуфтем, бепарвоии волидон метавонад боиси бар асари таби баланд беоб гаштани ҷисми нозуки кӯдак ва вазнин гаштани ҳолаташ гардад.

! Ногуфта намонад, ки ҳар қадаре кӯдак хурдтар бошад, ҳамон андоза офтобзадагӣ барояш хатарноктар аст, бинобар ин, шуморо лозим аст, ки бо мушоҳида намудани нишонаҳои аввалини офтобзадагӣ дарҳол аз паси расонидани ёрии тиббӣ ба фарзанди худ шуда, табибонро даъват намоед ё кӯдакро ба беморхона баред.

МАСЛИҲАТ

# ФОИДА ВА ЗАРАРИ ХАРБУЗА

**Имрӯзҳо бозорҳо пур аз тарбузу харбуза шуда, чашми кас аз дидани меваю сабзавоти фаровон барқ мезанад. Махсусан аз накҳати гуворо ва бӯйи хуши харбуза даҳони одам об мекушояд. Ман харбузаро хеле дӯст медорам, вале модарам мегӯянд, ки беҳтараш тарбуз хӯрам, чунки харбуза зарарнок аст. Магар дар ҳақиқат чунин аст?**

**НАСИБА, сокини шаҳри Душанбе**

**ПОСУХ:**

- Харбуза аз ҷумлаи ғизоҳои зудтаъсиркунанда буда, баданро фарбеҳ мегардонад. Хӯрдани харбуза дарунро пок мегардонад. Он гиреҳи узвҳоро мекушояд, вале харбузаро бо ғизоҳои вазнин, масалан бо панир бихӯранд, баръакс дар узвҳои бадан гиреҳҳо пайдо мекунад. Тухми харбузаро кӯфта, ба ҷойҳои варам гузоранд, онро рафъ мекунад. Он ҳатто варамҳои сахтро кам мекунад. Дарди чашмро сокит мегардонад. Барои расонидани қуввати даввоҳо ба ҷигар ва ба роҳҳои пешоб бағоят таъсирбахш мебошад. Беҳтарин вақти тановули харбуза байни хӯрдани ду таом аст.



## Толеънома



*Ҳамал*
*21.03 - 20.04*

Дар ҷодаи касбу кор тағйироти мусбат рух дода, робита бо ҳамкорон гарму самимӣ гашта, шиносҳои даркорӣ пайдо мекунед. Барои дидорбинии наздикони калонсолатон вақт пайдо кунед. Вақтатон хушу болидарӯҳ бошед, ҳама коратон барор мегирад.



*Савр*
*21.04 - 21.05*

Дар ин ҳафта лаҳзаҳои аҷибу ғайриоддиро аз сар мегузаронед. Мушкилиҳои молиявиро рафъ карданатон лозим меояд. Муҳим он аст, ки дар ҳузури ҳамкорон боҷуръат амал намоед. Аз сафари корӣ ҳам рӯҳатон болида мегардаду ҳам шиносҳои нав пайдо мекунед.



*Ҷавзо*
*22.05 - 21.06*

Ҳафтаи хеле аҷиб шуморо интизор аст. Барои ҳар ғалати содирнамуда худро азият надиҳед, зеро инсон бе камбудӣ намешавад. Дар айни гармии ҳаво ба берун набароед, саломатиро эҳтиёт кунед. Қаҳру ғазаби худро ба сари наздикон нарезед.



*Саратон*
*22.06 - 23.07*

Нақшаву ниятҳое, ки дар ин ҳафта назди худ мегузоред, аз шумо кӯшишу ғайрати зиёдро талаб намекунанд. Маблағи хуби пулӣ ба даст меоред, вале дар танҳоӣ мағозаву бозоргардӣ накунед, вагарна тамоми пулро сарф карда, пушаймон мешавед.



*Асад*
*23.07 - 22.08*

Дар ҳаёти оилавӣ ва шахсӣ ягон тағйирот дида намешавад, вале бо наздикони худ мунокиша накунед, зеро дар ин рӯзҳо асабониву зудранҷ мегардед. Ҳатто дар ҳолате, ки вазъи молиявиатон хуб бошад, маблағи зиёдатиро захира намоед.



*Сунбула*
*23.08 - 22.09*

Дар ин ҳафта шарму хиҷолатро аз худ дур созед. Тақдир шуморо бо нафароне рӯ ба рӯ месозад, ки кумаку дастгирияшон дар пешравии корҳоятон мерасад. Аз ҷониби наздикон муносибати сардро ҳис мекунед. Мушкиле пеш меояд, ки дар рафъ карданаш душворӣ мекашед.



*Мизон*
*25.09 - 22.10*

Ҳангоми ба сафару саёҳат баромадан ба амалҳои хатарнок даст назанед. Барои раҳоӣ ёфтан аз мушкилиҳои ба саратон омада ба истироҳати берун аз шаҳр рафта, ғубори дил барорред. Корҳои хидматӣ дар ин рӯзҳо бароятон якрангу дилгиркунанда менамоянд.



*Ақраб*
*23.10 - 22.11*

Агар наздикони худро ранҷонидан нахоҳед, бештар гузашт намоед, бо вуҷуди ҳақ будан хомӯширо авлотар донед. Муносибатҳои ошиқонаатонро дар ҷойи дуюм гузоред, он гоҳ барои аҳли оила вақти бештаре ҷудо карда метавонед.



*Қавс*
*25.11 - 21.12*

Аз сабукфикрӣ дар ин рӯзҳо худдорӣ намоед, дӯстону наздикони худро ба доми ҳиллаву найранг напечонед. Нафароне, ки дар соҳаи тиҷорат фаъолият мекунанд, даромади хуб ба даст меоранд. Ба саломатии гурдаҳо диққати хоса диҳед.



*Ҷаддӣ*
*22.12 - 20.11*

Дар ин ҳафта дар назди касе бечоранолӣ накунед. Зиндагӣ бе мушкилӣ намешавад, дӯстону наздикони худро бо шиква ҷонбезор накунед. Дар муносибатҳои ошиқонаатон оромиву нишот ҳукмфармо мегардад, дӯстдоштаатон ба тамоми шартҳои шумо розӣ мешавад.



*Далв*
*21.01 - 19.02*

Дар ин ҳафта навигариҳо зиёд мешаванд, дар сурати душвор гаштани вазъият гунаҳкоронро наҷӯед. Нафарони муҷаррад харидорони зиёд пайдо мекунанд. Аввали ҳафта коратон зиёд мешавад, вале ҳақи хизматро сари вақт гирифта наметавонед.



*Ҳут*
*20.02 - 20.03*

Дар ин ҳафта аз комёбиву дастовардҳои худ фахр накунед, аз ҳар комёбии ночиз шод гаштанро омӯзед. Муҳити кориятон хеле гуворо буда, шумо мушкилиҳои чанд муддат батаъхирмондаро низ рафъ мекунед. Тухфаи ногаҳонӣ табъатонро болида мегардонад.

# БОНУЕ ДАР ПАЙРОҲАИ МУШКИЛИ ИЛМ



**Профессор Ниёзмуҳаммадова Муқадам Бобоҷоновна яке аз пажӯҳишгарони пурмаҳсул ва шинохтаи соҳаҳои физиология ва биохимияи растаниҳо дар Тоҷикистон ва берун аз он мебошад.**

Ӯ аз кӯдакӣ ба падараш - олими намоён, академик Бобоҷон Ниёзмухаммадов пайравӣ намуда, ҷодаи илмро интихоб намуд. Баъди хатми мактаби миёна ба факултаи биологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (хозира ДМТ) дохил шуда, онро соли 1968 бо муваффақият хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳ дар Институти физиология ва генетикаи растании Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон ба кори илмӣ шуруъ намуда, дар ин мактаби бузург чунин зинаҳои илмиро паси сар намуд: солҳои 1968-1969 лаборанти калон, солҳои 1969-1972 аспирант, солҳои 1972-1980 ходими хурди илмӣ, солҳои 1980-1996 ходими калони илмӣ, солҳои 1996-1997 ходими пешбари илмӣ ва аз соли 1998 то имрӯз сарходими илмии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар бахши физиология ва биохимияи растаниҳо.

М. Б. Ниёзмуҳаммадова соли 1977 дар мавзӯи «Сохтор ва вазифаи аппарати фотосинтетикии Arabidopsis Thaliana L.» рисолаи номзадӣ ва соли 1997 дар мавзӯи «Таҳлили физиологӣ ва биохимиявии шаклҳои гексаплоидии тритикале дар шароити Тоҷикистон» рисолаи доктории ашро бо муваффақият дифоъ намудааст.

Ҳоло профессор М. Б. Ниёзмухаммадова ба омӯхтани аломатҳои физиологию биохимиявӣ, генетикӣ, коркарди усулҳои пурсамари ташхиси сифат ва хосилнокии навъҳои ояндадори ғалладонагиҳо, ки дар марҳилаҳои аввали селекция гузаронида мешаванд, машғул аст. Як қатор дастовардҳои илмӣ ва кашфиётҳои нодираш, инчунин мақолаҳои илмиаш дар маҷаллаҳои бонуфузи илмии Федератсияи Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва ғайраҳо ба табъ расидаанд.

Профессор М. Б. Ниёзмуҳаммадова олими варзидаи соҳаи физиология ва биохимия буда, муаллифи беш аз 200 мақола ва асарҳои илмӣ мебошад. Хизмати эшон дар тарбияи кадрҳои баландихтисос низ хеле назаррас аст. Тахти роҳбарӣ ва кумаку маслиҳатҳои Муқадам Бобоҷоновна 4 нафар олимони ҷавон рисолаҳои номзадии хешро дифоъ намудаанд.

Феълан тахти роҳбарии М. Б. Ниёзмуҳаммадова маҷмааи аломатҳои биологӣ ва хоҷагигии зироатҳои ғалладонагӣ дар шароитҳои гуногуни Тоҷикистон омӯхта шуда истодаанд. Ӯ бахри беҳтаргардонии сифати нон, ташхиси биохимиявӣ ва технологии дони гандум (охар, сафеда, клетчатка) ва ғайраҳо таҷрибаҳои зиёд гузаронидааст. Ин ташхисҳоро, ки дар асоси аломатҳои умумӣ гузаронида мешаванд, дар халли масъалаҳои мубрами рӯз, дар баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ метавон дар оянда васеъ истифода намуд.

Профессор М. Б. Ниёзмухаммадова фаъолияти илмиро бо кори педагогӣ пайваста, солҳои зиёд дар факултаи биологияву химияи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ба донишҷӯён дарс мегӯяд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастовардҳои илмию эҷодии профессор М. Б. Ниёзмуҳаммадоваро ба назар гирифта, ӯро бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2001) ва нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006) сарфароз гардонидааст. Соли 2024-ум ӯ аз тарафи Президиуми АМИТ сазовори Ҷоизаи илмии ба номи академик Павловский гардид.

Профессор М. Б. Ниёзмуҳаммадова ин шабу рӯзҳо ҷашни 80-солагии хешро дар иҳотаи дӯстон, фарзандону наберагон, ҳамкорону шогирдон, дар авҷи камолоти эҷодии илмӣ таҷлил мекунад. Умед дорем, ки эшон қувваи бузурги илмию педагогии худро минбаъд низ бахри тайёр кардани кадрҳои ҷавони илмӣ, барои инкишофу пешрафт ва ободии кишварамон сарф менамоянд.

**Абдуманон АБДУЛЛОЕВ,**
**доктори илмҳои биология, профессор**
**Қурбоналӣ ПАРТОЕВ,**
**доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор**

# ФАРҲАНГИ САНГ

**Бояд бигӯям, ки чун дар ҳар деҳаи кӯҳистон, дар зодгоҳам Зуворак ва дар деҳаҳои атроф бисёр сангҳо аз қадим номи худро доранд.**

Масалан, «Сафед тахен» (Сангҳои сафед). Дар ин маҳал тахтасангҳои сафед зиёданд. «Бидандак жир» (Зин - санг). Ин санг зини бузурги аспро мемонад. Ва мо бачаҳо ба он чун болои асп савор мешудем. «Девдикч тах» (Санге, ки дев лесидааст). Ин санги бузург, ки дар сари роҳи мактабравии мо карор дорад, гӯё бо забони азиме ду бор лесида шудааст ва нишонаи забон дар он чунон табиӣ аст, ки чун як падидаи вокеӣ ва аслӣ менамояд. Табиати фусункор онҳоро ба ин шакл даровардааст...

Фақат Офаридгор медонад, ки ин сангҳо чӣ вақт арзи вуҷуд кардаанд, шоҳиди чӣ ҳодисоте будаанд ва чӣ асрореро дар худ ниҳон доранд!?

Нуктаи дигар. Дар диёрамон сангнавиштаҳо бисёранд, ки ёдгоре аз гузаштаҳои дур, аз аҷдодамон ҳастанд ва гӯё ин ки паёмаке барои мо мефиристонанд. Масалан, иқтибосе аз фозилмарди авлоди мо шодравон Шерзод Мулло - Абдол меорам: "Бобокалони хирадманд ва устои мо Ғуломалӣ валади Мулло - Абдол дар соли 1760 пас аз бунёди ҷӯйбор ба мавзеи Сиҷд, ин катибаро рӯи санг ҳаккокӣ кардааст:

*Кашидам дар ин наҳр бисёр ранҷ,*
*Ба соли бақар сохтам ҷӯйбор.*
*Зи ҳиҷрат «ғайн»-у «қоф»-у «мим»-у «ҳ»,*
*Ба соли фарас ман расидам ба ганҷ.*

**(Катибаи рӯи санг)**

Ба ҳисоби абҷад, яъне «ғайн» - 1000, «қоф» - 100, «мим» - 40 ва «ҳои хавваз» - 5. Дар маҷмӯъ 1145 мешавад, ки соли ҳиҷрии қамарист (аз 24-уми июни соли 1732-и милодӣ то 14-уми июни соли 1733-и милодӣ) ва нишонгари оғози сохтмони ҷӯйбор аст. Ин рӯйдод дар мисраи дувум бо соли бақар ишора шудааст (аз 12-уми январи соли 1733 то 31-уми январи соли 1733). Ва соли фарас, ки анҷоми сохтмони наҳр аст, ба соли 1151-и ҳиҷрии қамарӣ (аз 21-уми апрели соли 1738 то 10-уми апрели соли 1739-и милодӣ) мувофиқ меояд, ки санаи ба «ганҷ» (гирифтани ҳосили деҳқонӣ) расидани Устои наҳр - сикказанандаи ин қитъа ва Нахустсоҳибу аввалин Молики обу хоки деҳаи Сиҷд Ғуломалӣ валади Мулло Абдолро зикр менамояд.

**Як байти дигаре, ки рӯи санг сабт буд, аз ёд карда будем:**

*Гаҳ бипурсам аз ӯ ба ваҷҳи савол,*
*К-аз чӣ абдол гаштаанд Абдол.*

Ин байти Мавлоно Ҷомиро бобокалони мо ҳатман ба хотири исми Абдол дошташ рӯи санг навиштааст".

Зимнан, вожаи «абдол» тобиши мазҳабӣ дошта, маънииаш наздикони худост. Тибқи ривоят, наздикони худо, хосони худо, яъне абдолҳо 70 нафар будаанд. Инак, байти дигаре аз Саъдӣ дар иртибот ба калимаи «абдол»:

*Шунидам, ки дар рӯзгори қадим,*
*Шудӣ санг дар дасти абдол сим.*

Маънии дувуми «абдол» шахси неккохҳ ва наҷиб аст.

**Мирзошо ВАТАНШОЕВ**



*Катибаи рӯйи санг, ки дар борааш сухан гуфтем.*

## МАВЛУДНОМА

**• 8 АВГУСТ •**

**Муҳаммад Байрамхон** (1504-1561), 520-солагии зодрӯзи шоир ва файласуфи форсизабони Ҳиндустон.

**Одилҷон Умурзоқов** (1954), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Алексей Шелочинин** (1924-1993), 100-солагии зодрӯзи генерал-лейтенати адлия.

**• 9 АВГУСТ •**

**Муборак Турсунова** (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Неъмат Мадалиев** (1924-1982) 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Юнус Юсуфов** (1949), 75-солагии зодрӯзи киноактёр ва кинорежиссёр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**• 10 АВГУСТ •**

**Абдураҳмон Азимов** (1949), 75-солгии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Наталя Гаврилова** (1919-2001), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Амиршо Маҳрамов** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Бобо Мирзоев** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Одинашо Муродов** (1964-2020), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Маҳмад Раҳимов** (1954), 70-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор.

**Бурҳон Фаррух** (1929-1993), 95-солагии зодрӯзи шоир.

**Ҳаким Ҳоҷибоев** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**• 11 АВГУСТ •**

**Шукур Азимов** (1919-1992), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

**Мунаввара Мирхолова** (1964), 60-солагии зодрӯзи наттоқи телевизион.

**Уриэл Қаландаров** (1929-1993), 95-солагии зодрӯзи кинооператор.

**Андрей Пачес** (1929), 95-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Валериан Чербар** (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор.

**• 12 АВГУСТ •**

**Акбаралӣ Бобоҷонов** (1949), 75-солагии зодрӯзи рассом.

**Шаҳбозбек Кабиров** (1944), 80-солагии зодрӯзи забоншинос, профессор.

**Муқаддам Ниёзмуҳаммадова** (1944), 80-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ.

**Ҷумъа Ҳомидов** (1949), 75-солагии зодрӯзи муаррих.

**Уку Мазинг** (1909-1985), 115-солагии зодрӯзи шарқшиноси эстон, муҳаққиқи адабиёти классикии форс-тоҷик.

**• 13 АВГУСТ •**

**Мирзоалӣ Партавов** (1944), 80-солагии зодрӯзи журналист.

**Бобоқул Файзуллоев** (1899-1964), 125-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Вилдон Хабиев** (1924-1945), 100-солагии ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

**• 14 АВГУСТ •**

**Музаффари Зулфиқор** (1929), 95-солагии зодрӯзи шоири ӯзбекзабони Тоҷикистон.

**Файз Нормуродов** (1944-2011), 80-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Хосият Олимова** (1944-1973), 80-солагии зодрӯзи наттоқи телевизион.

**Мирзо Рафиев** (1914-1990), 110-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Қурбоналӣ Ҷаббор** (1949-1988), 75-солагии зодрӯзи шоир.

**Камонбардор Шукроев** (1934-2005), 90-солагии зодрӯзи педагог, профессор.

**Александр Хорошкин** (1809-1879), 215-солагии зодрӯзи этнографи рус, муҳаққиқи этнографияи тоҷикон.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,**
**Ҳ. АМРИДДИН,**
**кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Билети ҳарбии ЧТ №842489 ба номи Кабиров Рамазон Адабҷонович, ки санаи 29.04.2023 аз Комиссариати ҳарбии ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Бабаева Тахмина, РЯМ: 0230070592, РМА: 025153770, ки аз 14.12.2017 дар Нозироти андози ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият даровард шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №106698, аз 28-уми декабри соли 2023 ба номи Миҳтоҷов Абдухолиқ Раҳимович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, маҳаллаи Навбаҳор 2, хонаи 935, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Миҳтоҷов Абдухолиқ Раҳимович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, маҳаллаи Навбаҳор 2, хонаи 935, соли 2023, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Ҳалномаи Суди ноҳияи Рӯдакӣ аз 21.04.2014 ва қарор ба номи Миҳтоҷов Абдухолиқ Раҳимович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, маҳаллаи Навбаҳор 2, хонаи 935, соли 2023, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9, №А316583, ба номи Ҳасанов Шамсулло Нарзуллоевич, соли хатм 1997, ки аз ҷониби МТМУ №50-и ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Сангова Маҳина Саидаҳмадовна, РЯМ: 0130169701, РМА: 035088116, ки соли 2018 дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба расмият даровард шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУХ №0000324 ба номи Эрдоган Орҳан Ҷаҳонгир Ферхат, ки санаи 24-уми июни соли 2023 аз муассисаи давлатии таълимии мактаби байналмиллалӣ дар ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Раҳматова Махфират Шодиевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, Испечак 1, М-6, б 3, ҳ. 14, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ЧТ №0072692, рақами қайд №151, ба номи Исоева Гулноз Абдураҳмоновна, ки соли 2015 аз ҷониби Литсейи касбии техникии нақлиёти роҳи оҳани ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А03718960, ба номи Мухамедҷонов Дилшод Абдумаҷидович, ки санаи 10.07.2021 аз ШВКД-1 ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Аскарова Ирода, РЯМ: 0730105182, РМА: 076001467, ки аз 30.01.2015 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-ШТА №078612 ба номи Пирова Гулмоҳ Сафовуддиновна, ки санаи 06.06.2000 аз МТМУ №41-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи хизматӣ ба номи Шарифзода Абдураҳмон, ки соли 2022 аз БМХДМ ВКД ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Ҳалимов Давлатёр бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чимтеппа, деҳаи Гулбутта, 25.07.2018, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №0922402 ба номи Аҳмарова Сафаргул Давлатёровна, ки санаи 14.06.2019, аз МТМУ №40-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 №А610996 ба номи Саъдуллоев Баҳодур Асадуллоевич, ки соли 1991 аз МТМУ №48-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи нафақагири ВКД ба номи Мухаметзянова Зульфия Кадыровна, ки соли 2015 аз ВКД дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Холов Ҳайдар Ҷонмаҳмадович, №0619767, РЯМ: 0130212959, РМА: 127900636, ки аз 15.12.2023 дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба расмият даровард шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ №0206996, рақами қайд №565, ки аз ҷониби ДМТ аз 03.01.2021 ба номи Қурбонзода Субҳиддин Неъмат дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Манзилномаи №017497 аз 30.07.2008 ба номи Шикорбеков Шикорбек Соқибекович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯч. Маяковский 77а, кв. 25, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 №АН262109 ба номи Каримова Зарина Амиркаримовна, ки соли 1995 аз МТМУ №92-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Паврелина Августина Васильевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 90, ҳ. 40, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҳасанов Курбонзода, РМА: 015377744, РЯМ: 0130031184, ки дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба расмият даровард шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Иқтибос аз ҳисоботи санҷиш (Выписка из акта освидетельствования) ГСМСЭ №0111911 аз санаи 20.05.2013 ба номи Маллахов Хушнуд Фатохович, ФТЭК, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Маркази савдои Мукарам", РЯМ: 0710012417, РМА: 070019455, аз 01.02.2024 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Фируз Раводид", №0269477, РЯМ: 0110031607, РМА: 010108255, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

# JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **Monitoring and Evaluation Analyst (Global Fund Project), "Only for citizens or residents of Tajikistan", (Job ID:18810/National Personnel Services Agreement/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 14 August 2024 NY time.**

**For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs**

**Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.**

**UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.**

# СЕБИ ХУБОНӢ

## Он ба насли оянда мерасад?



**Тавре дар як филми фантастикии америкой нишон медиҳанд, пас аз 50 сол дар рӯйи замин танҳо гиёҳҳои “ҷонсахти” барои инсон нолозим боқӣ мемонанду аз ҷондорон чанд намуди хазандаҳо. Боқӣ ҳамаи гиёҳу ҷонварон аз дасти худи инсон ба ҳалокат мерасанд. Гӯё сабабгори ҳамаи ин ҷангҳои байни кишварҳо ва муносибати бераҳмонаи инсонҳо ба табиати зинда мешуда бошад.**

Ҳарчанд ин филмнома тахаюлӣ аст, аммо он аз ҳақиқат дур нест. Зеро маҳз инсон ва он ҳам дар давоми тақрибан саду панҷоҳ соли охир сабабгори нест шудани чандин намуди набототу ҳайвонот дар сайёраи замин гаштааст. Ин мушобеҳ ба он аст, ки гамбусаки колорадӣ аввал барги мулоиму ширадори картошка ва баъд банди нисбатан сахттари онро меҳӯраду минбаъд зери замин, пайи дарёфти решаи он меравад. Вақте ки ҳамаи картошкаро тамом кард, худаш низ мемирад ва танҳо аз ҳазорон якеаш то мавсими нав дар зери хок зинда мемонад ва дар баҳори оянда боз миллион тухм гузошта, ба харобкории худ идома медиҳад. Аммо бо фарқ аз ин гамбуск, инсон наметавонад он чиро, ки то имрӯз ба воя расонду баъд аз байн бурд, дубора эҳё намояд. Ин аст, ки дар тӯли таърих инсоният алакай ҳазорон намуди растанию ҳайвоноту ҳашаротро аз даст дод.

Имрӯз бошад, бо пешрафти илму техника хатари аз байн рафтани боз бисёр намудҳои табиати зинда бештар гардидааст. Ҳарчанд дар кишварҳои пешрафтаи дунё ҳамарӯза сари ин масъала бонги хатар мезананду ҳизбҳои сиёсии пурнуфузе аз қабили ҳизбҳои “сабз” рӯи кор меоянд, аммо онҳо хатари бузурги дарпешистодаро ба танҳоӣ бартараф дода наметавонанд.

Алҳол ба 11 ҳазор намуди растаниву ҳайвонот дар рӯи олам хатари нестшавӣ таҳдид мекунад. Имрӯз, ба андешаи мутахассисон, пеш аз ҳама аз байн рафтани намудҳои алоҳидаи растанию ҳайвонот дар мадди аввал бояд бошад. То кадом андоза намудҳои садсолаҳо ба табиати маҳал мутобиқгардидаи наботот ҳифз карда мешаванд ва оё рӯзе фаро намерасад, ки маҳз ҳамин намуди наботот ба кор ояд? Дар табиати кӯҳсор ва ғании Тоҷикистон аз ҷиҳати гуногунии биологии экосистемаҳои табиӣ ва алалхусус таркиби таснифотии растаниҳои гулдор (зиёда аз 4500 намуд), обсабзҳо (зиёда аз 2200 намуд), гулсангҳо (зиёда аз 600 намуд), замбӯруғҳо (зиёда аз 2000 намуд) ташаккул ёфтаанд. Чун назорат сари масъалаи аз байн рафтани намудҳои алоҳида мувофиқи талабот нест, онҳо метавонанд рӯ ба нестӣ оранд.

Дар таркиби набототи кишвар миқдори растаниҳои муфиди ғизоӣ, шифобахш, равғандеҳ, ороишӣ то ҳол зиёда аз 1500 намуд, нодир ва намудҳои эндемикию субэндемикӣ 1500 намуд, ки танҳо хоси Тоҷикистонанд, мавҷуданд ва боз садҳо намуд бокимондаҳои растаниҳои асрҳои геологии кӯҳани давраҳои яхбандии чаҳорум ва сеюм ба қайд гирифта шудааст, ки дар муқоиса бо дигар кишварҳои минтақа ҳамто надорад. Агар чораҳои зудамал ва таъсирбахш дида нашавад, шояд насли имрӯза охирин насле шавад, ки ин ғановатро мебинад.

Гуногунии биологӣ дар ҷаҳон ба як барномаи махсус ниёз дошт ва ин кор бо ташаббуси Барномаи ҳифзи муҳити зисти СММ оғоз ёфта буд. Дар Саммити умумиҷаҳонии рушди устувори соли 1992 бо далели он, ки паст шудани сатҳи гуногунии биологӣ метавонад танҳо тавассути кӯшишҳои байналмилалӣ бартараф карда шавад, Конвенсия дар бораи гуногунии биологӣ қабул карда шуд. Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 тавонист то андозае тавозунро байни захираҳои табиӣ ва истифодабарандагони он нигоҳ дорад, ташкил ва ҳамоҳангсозии муносибатҳоро байни истифодабарандагони захираҳои табиӣ ва худи табиат, самтҳои асосии рушди муътадили ҷомеа, роҳҳои инкишофёбии солимии ҷамъият, оқилона истифодабарии захираҳои табиат, инчунин усулҳои баркарорсозии муҳити экологии харобгашта нигоҳ дорад. Ба назари мо, ин ҳоло як қисми кор аст ва бояд дар оянда барои нигоҳ доштани гуногунии биологӣ ва захира намудани намудҳои аз байн рафтаистодаи наботот ва ҳайвоноти кишварамон кори зиёдеро анҷом диҳем ва коре кунем, ки фарз кардем, наслҳои оянда низ тавонанд маззаи “себи хубонӣ” ва “зардолуи мирсанҷалӣ”-ро чашанд.

**Олима РАҶАБЗОДА,
рӯзноманигор**

# РӮЗИ ТИЛОӢ



**Ин саҳар соати 5 аз хона баромадам. Дар роҳ интизори омадани таксӣ шудам. Пеш аз он маршрутка дар назадам қарор дод ва ронандааш бо лутфу меҳрубонӣ гуфт, ки савор шавам. Дидам, ки одам кам аст, розӣ шудам. Ду сомониву 50 дирам ҳақи роҳкиро додам. Ронанда гуфт: “Зиёд додед, муаллим, роҳкиро 1 сомонӣ шудааст. Ҳоло ба ҷойи бензин аз барқ истифода мекунем. Хоҳиш мекунам, тугмачаи баратонро зер бикунед”.**

- Ин барои чӣ?,- пурсидам.

- Ҳисобот медиҳем, ки дар як рӯз ба чанд мусофир хидмат намудаем,- посух дод.

- Саҳар одам кам аст? Кам савор мешаванд?,- пурсидам бо ҳисси кунҷкобӣ.

- Чиҳо мегӯӣ, муаллим?! Одам бисёр аст. Дигар аз миқдори ҷойи нишаст зиёд одам намегирем. Муаллим, як чизро пурсам, намеранҷӣ?

- Бипурс.

- Барои чӣ шумо, умуман дар маршрутка савор намешавед?

- Метарсам, талотум, одам бисёр.

- Дигар ин хел намешавад, натарсед, рӯзи тилоӣ фаро расид.

“Аҷаб ронандаи меҳрубон, муошираташро намегӯед, дар назди дарвозаи беморхона карор дод, то ранҷ накашам”,- гузарондам аз дил.

Дар назди дари УЗИ ҳеҷ кас навбат намепоид. Ба соат нигаристам: 6:00. Варақеро аз ҷайбам баровардам ва навиштам: “Навбати қабул”. Якум номи худамро навиштам. Не, ҳеҷ кас наомад, бо ин ки соат қариб 8 шуда буд. Шубҳа ба дил роҳ ёфт: имрӯз кор намекунанд-чӣ? Ҳамин вақт духтур бо чеҳраи хандон омад, маро дида шод шуд, мисли ин ки кони тило ёфта бошад.

- Хуш омадед, нур овардед, сафо овардед. Аввалин шахсе ҳастед, ки ихтиёран барои ташхис омадаед,- гуфт ӯ.

Занг зад, мудири шуъбаро аз омаданам мужда расонд. Пас аз чанд дақиқа ӯ ҳозир шуд. Ҳамоне буд, ки маро 20 рӯз пеш ба назди ин зан барои УЗИ кардан фиристода буд. Дар навбати ин табиб се соат - аз соати 8 то 11 вақтам сарф шуд. Ӯ дағалона изҳор дошт: “Ман бе УЗИ чизе дар бораи бемории шумо гуфта наметавонам”. Хоҳиш намудам: “Ин саҳар чизе нахӯрдаам, гурусна мондаам. Бо гузашти се соат навбатам омад. Дар он ҷо навбат калон аст, ба гурӯснагӣ тоб оварда наметавонам. Хоҳиш мекунам, бигӯед, то маро, ки маъюби гурӯҳи дуюмам, бенавбат қабул кунанд”. Гуфт: “Наметавонам. Бовар бикунед, ки дар он ҷо модарам дар навбат истодааст”. Омадам, ҳеҷ кас набуд. Ин зан бо муоина гуфта буд: “Чӣ хел одамӣ?! Ин тараф бигард, шикамат каҷ аст”.

- Ҳаминро муаддабона “ноҳамвор” аст бигӯед, наметавад?,- гуфтам.

- Маро гап нишон медиҳӣ? Калимаи ноҳамворро дар мавриди ҷигаратон истифода мебарам, донista мон, ки маълумоти аввалини ман олӣ аст, аз филологияи тоҷик,- изҳор дошт ӯ.

- Кор накардед?

- Чиҳо мегӯӣ? Даромад надошт. Баъд табиб шудам. Хез! Тамом! 70 сомонӣ бидеҳ.

Таъаҷҷубам афзуд. Чӣ хел дар як муддати кӯтоҳ ин зан ба фаришта, меҳрубонтарин инсон табдил ёфт?

Мудири шуъба пурсид:

- Чӣ шуморо водор сохт, ки ихтиёран биёед, ин ташаббуси наҷиброро зоҳир кунед?

- Кучо ташаббус? Шумо гуфтед, ки баъди 20 рӯз боз як бори дигар УЗИ бикунед ва баъд ба қабулатон дароям. Ба хотири ҳамин омадам.

- Ту ҳамон журналистӣ? Чаро аз вазъи даврон, дастовардҳои муҳим қафо мондаӣ?

- Бемор будам охир!,- гуфтам дар посух.

- Ана барои чӣ. Ту охирон беморӣ. Дигар дар УЗИ навбат нест. Шифо ёфтаӣ, дардҳоро фаромӯш кун. Мо ба ҳаёти солим расидаем. Ба хуҷраи дигар медароем.

Ҳар се даромадем. Дар рӯи миз маска, сметана, творог, қаҳва, чой, нонҳои гарм моро интизор буд.

- Марҳамат, ба хӯрдан шуруъ бикунед. Ин ҳама аз ҳисоби беморхона аст. Мо гунаҳгорем, ки шумо гурусна омадед, бояд зуд, сари вақт бихӯред, то меъдаатон иллат пайдо накунад...

- Хостам ба касб, ихтисоси аввалаам баргардам. Напазируфтанд. Гуфтам, охир эълон доштед, ки беш аз 2000 муаллим намерасад,- изҳор дошт он зан ва бароям қаҳва омода намуд.

- Ин дар гузашта монд. Ҳозир ҳамин миқдор омӯзгор дар навбат истодааст. Бо ҷойи кор таъмин карда наметавонем, ҳама маълумоти олии соҳавӣ доранд. Ба ҷуз ин, шумо ба ихтисосатон, касбатон дар он даврон хиёнат кардед, чандин сол аз соҳа дур шудед,- гуфтанд ба ман.

Пас аз чанд дақиқа ба номам Сиподномаи директори беморхонаро оварданд, ки ман ихтиёран, бо ташаббуси худам барои муоина ба муассисаашон муроҷиат кардаам.

Бо тантана, эҳтиром ҳарду табиб то ба дарвоза гуселам намуданд. Мудири шуъба пас аз ин гуфт: “Рафиқ журналист, чаро намепурсӣ ин асбобҳои гаронарзиши УЗИ ва мо оё бекор мемонем?”.

- Аз шодӣ ҳамаро фаромӯш кардам. Воқеан, чӣ посух доред ба ин пурсиш?

- Посух? Бо навбат ҳамаи кормандони идораву вазоратҳо корхонаҳоро барои пешгирӣ аз дардҳо аз муоина мегузаронем ва тавсияҳо медиҳем.

Ман бори дигар тасдиқ кардам, ки дар ҳақиқат рӯзи тилоӣ фаро расидааст мани собиқ бемор аз ин бехабар мондаам.

**Абдулқодири РАҲИМ**



### Маҷлис

Писарбача ба волидонаш мегӯяд:

- Пагоҳ дар мактаб маҷлиси падару модарон будааст. Муаллима гуфтанд, ки падарат шиносномаашро биёрад.

Модар ҳайрон шуда, мепурсад:

- Шиноснома барои чӣ?

Падар мегӯяд:

- Аз афташ дарҳол аз бонк қарз мегирем.

### Зани сунъӣ

Духтаре дар ҳузури дугонаҳояш аз зебогии худ фахр мекунад. Як дугонааш мепурсад:

- Ҳилола, ба ғайр аз миҷаву лабҳои сунъӣ, боз кучоят сунъӣ аст?

Дугонаи дигарӣ:

- Магар намебинӣ, пешобағалу думбааш ҳам сунъӣ...

Яке аз духтарон ба ғазаб омада, мегӯяд:

- Гӯш кунед, ҳамин "Жигули"-ро ҳар қадаре рангубор накунӣ, аз он "Мерседес" ҳосил намешавад!

### Тамоку

Марде сигор харида, аз тамғакоғази он мутолиа мекунад: "Сигор сабаби импотент шудани мард мегардад".

Мард қуттиро ба фурӯшанда баргардонида, мегӯяд:

- Ба ман дигарашро диҳед... сабаби сактаи дил ё саратон мешудаашро!

### Хӯроки лоғар

Шахси фарбеҳе аз нафари лоғар мепурсад:

- Шумо ин қадар лоғар ҳастед... Чӣ меҳӯред?

Шахси лоғар мегӯяд:

- Ҳамон чизеро, ки шумо меҳӯред, вале ним сатил камтар.

### Шӯхӣ

Марде ба рафиқаш мегӯяд:

- Биё ба пиёлаи чойи Субҳон арак рехта, шӯхӣ мекунем.

Рафиқ дар ҷавоб:

- Биё бо ман чунин шӯхӣ кунем.

### Марди асил

Мард ба занаш мегӯяд:

- Марди асил ҳафтае як бор бояд дар хонаи худаш хоб накунад!

Зан ба ғазаб омада, дар ҷавоб мегӯяд:

- Дуруст мегӯӣ, дар ин ҳолат марди дигари асил ҷои хобравияшро пайдо мекунад!

**Таҳияи**
**Н.РАҶАБОВА**

### Сухани охирин

- Дар ҷанҷолҳои оилавӣ сухани ман ҳамеша охирин аст.
- Хайр, чӣ хел?
- "Хуб шудааст, азизам" мегӯяму ҷон халос...

### Шахси таърихӣ

- Алло, дӯстам, зуд биёед, аҳволи хушдоманам бад шудааст.
- Ман чӣ ёрӣ расонида метавонам?
- Шумо ба ҳар ҳол доктор ҳастед.
- О ман доктори илми таърихам.
- Эххе, ин синну соле, ки хушдомани ман дорад, алакай шахси таърихӣ шудааст...

### Ҷарроҳ

- Мухтарам Валикул, бигӯед, ҳаваси духтури ҷарроҳ шудан аз кай дар дили шумо пайдо шуд?
- Аз хурдиям. Вақте хурд будам, апаам пулҳояшро дар даруни зочааш пинҳон мекард. Ман бошам пинҳонӣ зочаро мебуридаму пулҳоро гирифта, боз медӯхтам, мебуридаму медӯхтам...

### Тамоми дунё

- Азизам, ман тамоми дунёро дар пеши пойҳои ту мепартоям.
- Ором шав, Валикул, глобусро дар ҷояш гузор...

### Рақс

- Валикул, барои чӣ дирӯз дар рӯи ҳавлиятон ҳамакаса рақс карда истода будед?
- Э напурс, дӯстам. Занам қуттии замбӯрро чаппа карда буд...

### Масолеҳи сохтмонӣ

- Бемор, дар талхаатон санг, дар гурдаатон рег, дар шушҳоятон оҳак аст.
- Духтур, бигӯед, дар кадом узвам хок ҳаст, то ки сохтмонро сар кунам...

### Поёни роҳ

- Дӯстам, мошини ту навигатор дорад?
- Не. Дошту лекин шикастамаш.
- Чаро?
- Чунки як бор маро то пеши қабристон бурду гуфт: "Роҳи шумо ба поён расид"...

### Вақти бӯса

- Азизам, барои чӣ вақте ман туро бӯсидам, хоҳиш кардӣ, ки аз гӯшҳоят дошта истам?
- Чунки як бор дар вақти бӯсобӯсӣ ҳамёнам гум шуда буд...

### Оила

- Хуб, ҷавони нағз, шумо мехоҳед бо духтари ман издивоҷ кунед. Ҳамин тавр?
- Бале.
- Шумо ҳаматарафа фикр кардед? Барои нигоҳубини оила омода ҳастед?
- Гумон мекунам, ки бале, омодаам.
- Хуб фикр кунед, мо дар оилаамон шаш нафарем...

### Нишони бокс

- Дирӯз ба ман авбошон ҳуҷум намуданд, соату ҳамёнамро кашида гирифтанд.
- О ту нишони варзишӣ оид ба бокс дорӣ-ку!
- Хайрият, нишонро наёфтанд...

**Хайрулло**
**БАСРИДДИНОВ**

## Сканворд

